

Н. Н. Неъматов

# Асрори Истаравшан

31.3
NEM

Н. Н. Неъматов

# Асрори Истаравшан

НАШРИЁТИ „ИРФОН“
ДУШАНБЕ 1972

902.6
H 52

1—6—2
88—72

## МУҚАДДИМА

Истаравшан кишвари кӯҳҳои осмонбӯси Туркистон, марғзорҳои баландкӯҳ, дара ва водиҳои сершумор, ҳамворӣ ва даштҳои беканори қисми ҷанубии ҳавзаи миёнаи дарьёи Сир мебошад. Ин кишвари дар гузашта зироату чорводориаш тараққиёфта, яке аз сарзаминҳои маданияти қадимаи шаҳрсозӣ ва ҳунарии Шарқ, кишвари пуршӯҳрати кӯҳистониёни озодипарвар ва баҳодурони водиҳое буд, ки дар мубориза ба муқобили асорати аҷнабиён ва истисморгарони дохилӣ борҳо дар таърихи худ саҳифаҳои дурахшон навиштааст.

Сарзамини Истаравшани қадима ва Истаравшани миёна, ки дар байни Сирдарьё ва қаторкӯҳи Ҳисор, шаҳрҳои Хуҷанду Самарқанд воқеъ гаштааст, ҳоло ба ҳайати се республикаи бародари Осиёи Миёна дохил мешавад. Ҳоло аз се ду қисми Истаравшанро ҳудуди РСС Тоҷикистон ва сеяк қисми онро ҳудуди РСС Ўзбекистон ва РСС Қирғизистон дар бар мегирад.

Ин сарзамин таърих ва маданияти қадимае дорад ва одамон ҳанӯз дар даврам асри сангӣ (палеолит) дар ин маҳалҳои қулаю мувофиқ ва зархез сокин шуда буданд. Дар давраҳои сохти общинаи ибтидоӣ, дар оғози ҷамъияти синфӣ, одамон дар ин ҷо ба кашоварзию чорводорӣ, ҳунари шаҳрсозӣ шуғл варзида, торафт ин кишварро бисьёртар аз худ мекарданд.

Дар интиҳои муносибатҳои авлодию қабилавӣ ва пурзӯр шудани процессҳои ташаккули халқҳо, ки он бо марҳалаи интиҳои сохти общинаи ибтидоӣ ва оғози ташкили ҷамъияти синфӣ (ҳазорсолаҳои I—II пеш аз милод) рост меояд, дар Осиёи Марказӣ процесси пайдоиш ва ташаккули як қатор халқҳои қадимтарин (бохтариҳо, суғдиҳо, хоразмиҳо, хуросониҳо ва дигарҳо) ва гурӯҳҳои этникии ба онҳо наздик (сакҳо, массагетҳо ва дигарҳо) давом мекард. Ҳамаи онҳо бо забону лаҳҷаҳои ба ҳам монанди гурӯҳи эронии ҳинду европоӣ гуфтугӯ мекарданд, аз ҷиҳати пайдоиш ва маданият ба ҳам наздик буданд.

Заминҳои васеи байни дарьёҳои Сир ва Амуро суғдиён — бунъёдкорони маданияти бузург ва бои Суғд, ки марказаш Самарқанд буд, ишғол мекарданд.

Давраҳои қадимтарини таърихи Истаравшан дар ҳайати давлати Суғд гузаштааст. Маҳз дар заминҳои Суғди шимоли шарқӣ, бинобар шароити маҳ-

дудтари табий-географӣ ва социалӣ-иктисодӣ, дар аввали солшумории мо барои ташкили батадриҷи вилояти Истаравшан заминаи зарурӣ ба амал омад. Омӯзиши таърихӣ-археологии ин кишвар дар давоми даҳҳо соли охир тасдиқ мекунанд, ки Истаравшан ҳамчун вилояти таърихӣ-маданији алоҳида, алалхусус, дар даврам кӯшониён пойдор шуда буд. Дар баробари инкирози империяи кӯшониён Истаравшан ба кишвари мустақил табдил ёфт ва он сулолаи шоҳони худро дошт, ки ин дар вақоеъномаи Бэйши (вақоеънома соли 435-и милодӣ навишта шудааст ва муаллифи он Ли-Янь-Шоу мебошад,) қайд шудааст.

Асрҳои V—VII милодӣ даврам болоравӣ ва нашъунамои Истаравшан, инкишофи мардуми ин кишвар, ташаккули бисьёр соҳаҳои мадании моддӣ ва маънавии он, равнақи шаҳрҳо, ҳунармандӣ, зироат, обьёрӣ, пурзӯр шудани мубодилаи байналхалқии иқтисодӣ ва маданӣ буд. Яку ним асри ин давра бо муборизаи қаҳрамонона барои озодӣ ва истиқолият ба муқобили тохтутозҳои халифаҳои аббосӣ (охири асри VII — аввали асри IX) гузашт.

Дар рисола, дар асоси маводҳои нави хеле мароқовари археологӣ, ки дар солҳои охир ба даст оварда, ҳанӯз дар адабиёт ҷамъбаст карда нашудаанд, дар бораи Истаравшан ҳикоя карда мешавад. Ёдгориҳои бостонии Истаравшан, ки дар солҳои охир ёфт шудаанд, аз ҷиҳати таърихӣ-маданӣ чунон аҷибанд, ки барои ба миён гузоштани масъалаи мавҷудияти тамаддуни асримиёнагии Истаравшан, ки дар баробари кашоварзию ҳунари шаҳрсозӣ бисьёр шоҳкориҳои меъморӣ, асарҳои бузурги наққошию рассомӣ, санъати кандакории чӯб ва ҳунарҳои санъаткоронаро ба вуҷуд овардааст, имконият медиҳанд.

## ДАРАҶАИ ОМӮЗИШИ МАВЗӮЪ

Мо дар бораи асрори Истаравшан, дар хусуси аҳолӣ ва муборизаи озодихоҳонаи он ба муқобили аҷнабиён аз асарҳои таърихшиносон, нависандагон ва сайёҳони Юнон, Рим ва Чин маълумотҳои қадимтарини хаттӣ (байни асри V то милод — асри VII милодӣ) дарьёфт карда метавонем. Чунин маълумотҳо, чи дар асарҳои Геродот, Полибий, Страбон, Диодор, Помпей Трог, Плинии Калонӣ, Курций Руф, Дионисий Периегет, Птолемей ва махсусан Арриан ва чи дар қайдҳои таърихии Симацянь, вақоеъномаҳои Бан-Гу, Ли Янь-Шоу Вэй—Чен, Оу Янсю Сюань-Цзань ва Хой-Чао, ки дар мамлакати мо ҳанӯз миёнаҳои асри гузашта ба туфайли меҳнати суботкоронаи Н. Я. Бичурин, дар Европаи Ғарбӣ бошад, махсусан ба туфайли тарҷимаҳои Станислав Жюльен, С. Бил, Э. Шаванн ва дигар шарқшиносон маълум шуда буд, мавҷуданд.

Ҳуҷҷатҳои машҳури суғдии асри VII милодӣ, ки дар кӯҳи Муғи райони Айнӣ ва хатҳои дар тахтачаҳо навишташуда, ки аз кӯшки Чилҳуҷраи назди Шаҳристон ёфта шудаанду эроншиносони машҳури советӣ А. А. Фрейман, М. Н. Боголюбов, В. А. Лившиц ва О. И. Смирнова асрори онҳоро кушодаанд, барои тавсифи баъзе лаҳзаҳои сиёсии таърихӣ, забон ва маданият махсусан аҳамияти калон доранд.

Географҳо, сайёҳон, таърихнависони асрҳои IX—XII милодӣ, ки бо забони байналхалқии он замон — арабӣ менавиштанд ва ба мо дар бораи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданияти ин кишвари кӯҳистону водӣ, дар бораи лаҳзаҳои алоҳидаи муборизаи озодихоҳии мардуми ин сарзамин ба муқобили хилофати аббосӣ, дар хусусии дин, урфу одат ва забони истаравшаниён бисьёр маълумоти гаронбаҳо мерос гузоштаанд, тадқиқотчиёни сермаҳсултарини Истаравшан буданд. Аз байни ин зумраи олимон пеш аз ҳама географҳо ал-Истахрӣ, ибни Ҳавкал, ал-Муқаддасӣ, ал-

Яъқубӣ, ибн-ал-Фақеҳ, ибни Ҳурдодбеҳ, Қудама, ибни Рушд, таърихшиносон Табарӣ, ал-Билозарӣ ва Ибн ал-Асир, таърихнависи этнограф ал-Масъудӣ, таърихнавис, забоншинос ва географ Ёқут, инчунин ҳамватанони машҳури мо — энциклопедист Берунӣ, таърихнавис Наршахӣ, географ — муаллифи номаълуми «Ҳудуд ал-олам» ва дигарҳоро, ки дар бораи Истаравшан ба забони арабӣ ва тоҷикӣ маълумотҳои гаронбаҳо боқӣ гузоштаанд, бояд номбар кард.

Дар бораи Истаравшан муаллифони асрҳои миёна, ба монанди Бобур ва дигарон низ навиштаанд. Материалҳои археографӣ, эпиграфӣ, лингвистӣ, топонимикии асрҳои XI—XIX, ки махсусан дар бист соли охир экспедицияҳои олимони тоҷик ба даст овардаанд, дар боби истаравшаншиносӣ маълумотҳои гаронбаҳо мебошанд.

Якумин сардори уезди Хуҷанд генерал-губернатори Туркистони империяи Россия А. А. Кушакевич, ки бо тадқиқоти илмӣ низ шинос буд, ба қайд кардани бозьёфтҳо ва ёдгориҳои бостонӣ ва гирд овардани маълумотҳои таърихӣ, иқтисодӣ, этнографӣ ва демографӣ дар бораи территория, шаҳру қишлоқҳои уезд машғул шуд. Охири асри XIX ба Истаравшан шарқшиноси ҷавон В. В. Бартольд сафари самарабахш мекунад.

Соли 1894 В. В. Бартольд ба Шаҳристон рафта, бо ёдгориҳои бостонӣ шинос шуд, бозьёфтҳои тасодуфӣ ва афсонаҳои халқиро қайд кард ва ба хулосае омад, ки тадқиқоти ёдгориҳои бостонии ин вилоят, ки унсурҳои арабӣ ба онҳо хеле кам таъсир расонидаанд, эҳтимол, ба мо дар бораи маданияти мардуми Туркистон маълумотҳои гаронбаҳо диҳанд. Бинобар ин вай ҳаматарафа ва пурра тадқиқ намудани Шаҳристонро айни матлаб медонист.

Аввалин ҳафриёти илмии ду ёдгории Истаравшани Шимолӣ дар солҳои душвори Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз шуд. Вақте ки солҳои 1943—1944 барои сохтмони станцияи электрикии обии Фарҳоди шаҳри Бекобод ба вайрон кардани шаҳрчаи бостонии Мунҷактеппа ва қабристонхои назди он зарурат пайдо шуд, ба он ҷо таҳти роҳбарии археолог ва атиқашиноси машҳури советӣ В. Ф. Гайдукевич экспедицияи гурӯҳи Тошкандии Институти археологии Академияи фанҳои СССР фиристода шуда буд.

Дар натиҷаи ҳафриёт таърихи мавҷудияти шаҳрчаи барзагарон ва ҳунармандону туҷҷорон дар асрҳои I ва X—XII милод ошкор ва оид ба расму русуми сокинони он материалҳои муҳим ба даст даровварда шуд.

Вале танҳо баъди ташкил шудани экспедицияи калони археологии комплексии Тоҷикистонии Шӯъбаи Ленинградии Ин-

ститути археологии Академияи фанҳои СССР, Эрмитажи давлатии Ленинград ва Институти таърихи ба номи Аҳмади Дониши Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон муттасил ва ҳаматарафа омӯхтани Истаравшан дар археологияи советӣ сар шуд. Шогирд ва давомдиҳандаи афкори илмии В. В. Бартольд, шарқшиноси барҷастаи советӣ ва олими маданиятшинос, аъзо-корреспонденти Академияи фанҳои СССР, академики Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, ходими хизматнишондодаи илми РСС Тоҷикистон, профессор А. Ю. Якубовский, ки ба экспедицияи археологии Тоҷикистон роҳбарӣ мекард, ба программаи васеи омӯзиши гузаштаи Тоҷикистон тадқиқоти Истаравшанро ҳам дохил кард. Дар солҳои 1949 ва 1950 аз Панҷакент, ки он вақтҳо базаи асосии экспедицияи археологии Тоҷикистон буд ,таҳти роҳбарии шарқшинос О. И. Смирнова ба Истаравшани қадима отряди археологӣ фиристода шуд, ки ба ҳайати он меъмор Л. С. Бретаницкий ва археологҳо А. М. Мандельштам ва мусаннифи ин сатрҳо дохил буданд. Вазифаи ин отряд танҳо аз қайд кардани ёдгорию бозьёфтҳо, тасвири онҳо, ошкор кардани дараҷаи умумии паҳн шудани онҳо ва кор карда баромадани тадбирҳои тадқиқоти ояндаи онҳо иборат буд.

Соли 1955 дар нишебии Шаҳристон ҳамчун макони ёдгориҳои археологии пойтахти Истаравшан кофтуковҳои пай дар пай сар шуд. Ҳоло 17 сол аст, ки ин тадқиқот давом дорад ва минбаъд ҳам идома хоҳад ёфт. Дар айни замон мудаққиқони Истаравшан сол то сол беш мешуд. Ба тадқиқот мутахассисони дигар фанҳо — таърихшиносон, меъморон, санъатшинос, реставраторҳо, рассомон торафт бештар ҷалб карда мешуданд.

Ҳоло отряди археологии Тоҷикистони Шимолии Институти таърихи ба номи Аҳмади Дониши Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, ки бидуни Истаравшан вилояти қадимаи Хуҷанд ва ҳудуди Фарғонаи ғарбиро низ тадқиқ мекунад, яке аз отрядҳои калонтарини археологии республика ба шумор меравад ва даҳ сол боз базаи таҷрибаомӯзии археологии студентони факультетҳои таърихи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин, Институти давлатии педагогии Ленинобод ба номи С. М. Киров мебошад. Тадқиқоти отряд дар солҳои охир бо кори кафедраҳои археология ва этнографияи факультети таърихи Университети давлатии ба номи М. В. Ломоносови Москва, бо Институти таърихи санъати Вазорати маданияти СССР, бо Институти назария, таърих ва проблемаҳои ояндаи архитектураи Госстрои СССР ва Эрмитажи давлатии ба номи В. И. Ленини шаҳри Ленинград алоқаи зич дорад.

## БАЪЗЕ ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

Ҷамъбасти аввалини тадқиқот дурустии хулосаҳои В. В. Бартольдро пурра тасдиқ кард. Ҳоло комилан исбот шудааст, ки харобаҳои Қалъаи Қаҳқаҳаи I—II—III Шаҳристони райони Ӯротеппа, харобаҳои шаҳри асримиёнагии Бунҷикат, пойтахти Истаравшан мебошад.

Дар натиҷаи ҳафриёти ҳарҷонибаи харобаҳои Бунҷикат ва ёдгориҳои атрофи он бозьёфтҳои аҷиби меъморӣ, рассомӣ, санъати кандакории чӯб, ҳунари гулканӣ кашф шуд, ки шаҳри Бунҷикатро ҳамчун яке аз марказҳои калонтарини мадании Тоҷикистон ва Осиёи Миёнаи асрҳои миёна тавсиф мекунад.

Ҳафриёти якчанд биноҳои истиқоматӣ, ҳунармандӣ ва қасрҳо дар Қалъаи Қаҳқаҳаи I ва II, кӯшкҳои Чилхуҷра ва Ӯртакӯрғон, иншооти посбонии Тирмизактеппа, хонаи истиқоматӣ, устохонаи оҳангарӣ, биноҳои хоҷагӣ, ду масҷид ва қариб даҳ мақбараи Чилдухтарон, тадқиқоти деворҳои шаҳри Бунҷикат ва бисьёр бозьёфтҳо аз қабили зарфҳои сафолӣ ва филизӣ, чизу ҷораи рӯзғор ва хоҷагӣ, олоти меҳнат (аз корд то оҳани испори деҳқон ва сандони ҳунармандӣ) ,асбоби зебу зинат ва ғайра имконият медиҳанд, ки на фақат симои умумии ҳаёти хоҷагӣ ва мадании шаҳрро тасаввур кунем, балки зуҳуроти конкретии ҷиҳатҳои гуногуни маданият ва иқтисодиёти онро тасвир намоем. Ғайр аз ин оид ба истеҳкомҳои ҳарбии шаҳрӣ ва музофотии Истаравшан материалҳои муҳим ба даст оварда шудаанд.

Бунҷикат, ҳамчун маркази калони ҳунармандӣ, маданӣ ва сиёсии Осиёи Миёна, дар асри X милод қариб сад ҳазор нафар аҳолӣ дошт. Дар ин ҷо тақрибан дар асри V—VI милод маркази шаҳр ба вуҷуд омад ва дар асрҳои IX—XII бошад он ба се қисм ҷудо шуд: Кӯҳандиз (Қалъаи Қаҳқаҳаи II), шаҳристон (Қалъаи Қаҳқаҳаи I) ва қисми ҳунармандию тиҷоратӣ— работ.

Дар солҳои охир отряди археологии Тоҷикистони Шимолӣ аз рӯи программаи муфассал бисьёр ёдгориҳои Истаравшанро тадқиқ мекунад: қасри афшинҳои Истаравшан дар Қалъаи Қаҳқаҳаи I, комплекси шимолии биноҳои истиқоматӣ, бинои марказии истиқоматии ашроф, комплекси биноҳои назди девори ҷанубии шаҳр дар Қалъаи Қаҳқаҳаи I; кӯшки Тоштемуртеппа; минтақаи гӯристони томусулмонии бунҷикатиҳо бо дахмаи Чоршохатеппа (тамоми ин ёдгориҳо дар пастҳамии ҷанубии Шаҳристон воқеанд); деҳаи кӯҳистони асримиёнаи чорводорон бо дафнгоҳи онҳо дар дараи хушманзараи Оқтанги қаторкӯҳи Туркистон; қалъаи яке аз шаҳрҳои қадимтарини Осиёи Миёна Куруқада (Киро-




Расми 1. Схемаи ҷойгиршавии ёдгориҳои Шаҳристон.

поль) — харобаҳои Муғтеппа дар Ӯротеппа; харобаҳои умедбахши Ширин дар байни деҳаи Куркат ва шаҳри Бекобод; харобаҳои Оқтеппа бо кӯшки марказии он — маъбади оташпарастон дар наздикии Нов, Денгчатеппаи байни Пролетар ва Сулукта ва ғайра.



Расми 2. Шаҳристони Қалъаи Қаҳқаҳаи 1.

Ҳар яке аз ин ёдгориҳо барои аниқу муфассал омӯхтани иқтисодиёт, маданияти моддӣ, санъат ҳаёт ва дину оини истаравшаниён ва мардуми Тоҷикистон аҳамияти калон дорад. Баробари ба итмом расонидани корҳои корфтукови ёдгориҳои номбаршуда давраи дуйӯми тадқиқоти саҳроӣ ба охир мерасад, ки ин, бешубҳа, ба муайян кардани тарҳу комьёбиҳои асосии тамаддуни Истаравшан ва умуман муқаррар намудани мавқеъ ва роли иқтисодиёт ва маданияти Истаравшан дар тақдири таърихии халқҳои Осиёи Миёна ва Шарқ имконият медиҳад.

## ҲАФРИЁТИ ҚАСРҲОИ АФШИНҲО

Афшинҳои Истаравшан (аз рӯи маъхазҳои хаттӣ) се қаср доштанд. Аз онҳо ду қаср ошкор ва кофта шудаанд. Биное, ки солҳои 1955—1960 дар Қалъаи Қаҳқаҳаи II кофта шуда буд, аввалин иншооти қасри Бунҷикат ба ҳисоб меравад. Деворҳояш аз пахсаю хиштҳои хоми калон сохта шуда, сутуну сақфаш чӯбин аст. Ин бино аз даҳ хона иборат аст. Хонаҳо паси ҳам аз

шарқ ба ғарб зина ба зина се қабат ҷойгир шудаанд. Қабати якӯм аз даҳлези даромад, толори чоркунҷаи қабулгоҳ, хонаи хоб ва айвон иборат буда, дар қисми шарқии иморат, дар сатҳи ҳозираи замин воқеъ шудааст. Қабатҳои дуйӯм ва сейӯм дар таҳкурсиҳои сунъӣ, ки аз похсаҳои зичи гилӣ сохта шудааст, ҷойгир аст. Зинаи махсуси печхӯрдаи гилӣ, яъне пандус, ки дар қисми шимолии иморат сохта шудааст, ҳар се ошьёнаро ба ҳам мепайвандад. Се печи аввали зина ба ошьёнаи дуйӯм мебарад, ки он аз роҳрави дароз, ошхона ва хонаи хизматгорон иборат аст. Се печи дигари зина ба ошьёнаи сейӯм мебарад. Дар ин ошьёна чор хона мавҷуд аст, ки яке аз онҳо хонаи асосии шоҳ буда, ба ҳавлии васеи ғарбӣ кушода мешавад. Иморат умуман бошукӯҳ ва калон буда, деворҳои он бо хишт ба тарзи махсус ороста аст, сатҳи даруни деворҳои хонаҳои калон мунаббату мунаққаш мебошад (онҳо қисман боқӣ мондаанд), посутунҳои чӯбӣ ва сақфи онҳо кандакории гуногуни аҷиб дорад, ки намунаи сӯхтаи он дастраси мост.

Иморат дар асрҳои VI—VII сохта шуда, дар натиҷаи фалокат, яъне аз тарафи душман ишғол шудани он хароб гардидааст. Ин фалокат ба соли 822 милодӣ, яъне Бунҷикатро истило кардани дастаи сарлашкари араб Аҳмад ибни Абӯхалид рост меояд. Дар вақти истило бисьёр ваҳшигариҳо содир шудааст: иморатро оташ зада, мардон, занон ва кӯдакони дар он паноҳбурдаро саросар қир кардаанд. Осори дар асбобу анҷоми чӯби, руйкаши деворҳо боқимондаи сӯхтор ва факти даҳшатноктарин — дар ду печи зина сарҷин карда мондани ҷасади одамон аз ин гувоҳ медиҳад. Дар байни ин ҷасадҳо, аз рӯи маълумоти антрополог, номзади илмҳои таърих Т. П. Кияткина 24 мард, 17 зан, 4 ҷавон, 3 наврас ва 2 кӯдак муқаррар карда шуд ва бинобар нобуд шудани устухони ҷасадҳои боқимонда ҷинс ва синни онҳоро муайян кардан амри маҳол буд. Онҳо ҷасади одамони бераҳмона куштаішудаи маҳаллӣ, истаравшаниҳо, шаҳристониҳои қадим буданд, ки қурбони сиёсати истилогаронаи хилофати Аббосиён, қурбони мубориза и шадиду беамони ислом ба муқобили одамони ломазҳаб гаштаанд.

Харобаҳои қасри дуйӯми афшинҳо дар арки шаҳристони Қалъаи Қаҳқаҳаи I ёфт шудаанд. Кофтукови он аз соли 1965 ин ҷониб давом дорад. Ин қаср хеле калону бошукӯҳ ва ҷиҳози дохилии биноҳояш марғуб аст. Дар он толори калони 230 мураббаъметра, ки дар он тахти шоҳ гузошта шудааст, толори «хурди» қабул, ки 95 мураббаъметр аст, ибодатхона, хобгоҳ ва хонаҳои истиқоматии шоҳ, кӯрхонаю ошпазхонаҳо мавҷуданд. Рӯй-

каши деворҳои дохилии хонаҳои калон ва роҳравҳо бо суратҳои калони рангоранги ҷангӣ, афсонавӣ ва динӣ, бо конструкцияҳои чӯбини меъморӣ, лавҳаҳое, ки дар онҳо накшҳои мураккаби устодона кандакорӣ шудаи растанию накшаҳои геометрӣ ва накши ҳайкалҳои одамон, ҳайвонот ва паррандаҳо акс ёфтаанд, зинат дода шудаанд. Пешдеври хонаи марказӣ, деворҳои хобгоҳи шоҳ аҷаб кошинкорӣ шудаанд. Дар толорҳо, хонаҳо ва роҳрав-



Расми 3. Қасри афшинҳо. Роҳрави даромад.

ҳои қаср қад-қади девор барои нишастан ва хоб кардан суфаҳои гилӣ сохта шудаанд, аз пеши даромадгоҳҳои хобгоҳҳо ва хонаҳои истиқоматӣ даҳлезҳо ҳастанд, онҳо деворҳои тахтагии кандакоришудаи хуб доранд. Дар рӯ ба рӯи роҳрави даромади қаср ва рӯ ба рӯи даромадгоҳи толори «хурди» қабул суфаҳои махсуси шоҳнишин ҳаст.

Қасри марғуби шоҳ ба ашрофи ҳукмрони Истаравшан хизмат мекард, вале онро дастони пурҳунари халқи меҳнаткаш бунёд карда, зебу зинат додаанд. Вай маҳсули меҳнати меъморон, рассомон, наққошони кандакор, кулолони номашҳур, ёдгории таърих ва санъат мебошад.

Қаср дар айни замон анбори захираи маҳсулоти озуқа низ буд. Дар зери фарши ҳар ду девори даромадгоҳи қаср, суфаи

дарози роҳрави марказӣ ва суфаҳои толори тахт қатор-қатор хумҳои калон гӯр ва болои онҳо бо лой ловида шудааст. То ҳол 43 хел хум дарьёфт шуд. Ҳаҷми ҳар як хум аз 158 то 295 литр аст. Ҳаҷми умумии ҳамаи хумҳо 9303 литр мебошад, яъне дар қаср дар як вақт қариб то 9 тонна хӯрокворӣ захира кардан мумкин буд. Дар баъзе хумҳо ҳатто боқимондаҳои маҳсулот ёфт шудаанд, ки онҳоро ҳоло мутахассисон омӯхта истодаанд.



Расми 4. Роҳрави марказии қаср.

Дар хонаи махсус, ки мо онро «қӯрхона» номидем, подшоҳ барои рафъи ҳуҷуми душман зиёда аз 5000 дона санги аз чорьяк пуд то 2—3 пудӣ ва ниҳоят бисьёр фалахмонсангҳои мушт баринро нигоҳ медошт. Бояд қайд кард, ки қаср дар теғаи кӯҳ дар болои Шаҳристонсой воқеъ буда, аз сатҳи сой 50 метр баланд аст.

Ин қаср низ ҳангоми кадом як фалокат хароб шуда, тамоман сӯхтааст: дар ҳама ҷо қабатҳои ғафси чӯб ва гили сӯхта дида мешавад, деворҳо аз тафси оташ сурх шудаанд, андоваи кохии деворҳо ва рӯйкаши нақшу нигордори онҳо сӯхтаанд. Азбаски чӯби сӯхта намепӯсад, беҳтарин намунаҳои кандакорӣ то замони

мо боқӣ мондаанд, вале суратҳои деворҳо, албатта, бисьёртар нобуд шудаанд. Сокинон ё ғоратгарони қаср тамоми чизу чораи қиматбаҳоро бурдаанд, ҳангоми кофтуков бозьёфт кам пайдо шуд. Бозьёфт асосан аз колаҳои истеъмоли оммавӣ, зарфҳои хӯроккӯрӣ, инчунин дигар асбобу анҷоми рӯзғор ва зебу зинат иборат буд. Танҳо дар фарш ва мағзи девори яке аз хонаҳо ганҷ ёфта шуд, ки он аз тангаҳои биринҷии Истаравшани қадима ва маснуоти заргарӣ, нишонаи тангамонанди аз тиллои тунук сохташуда (брактеат) иборат буда, дар як тарафаш сурати мард акс



Расми 5. Саломхонаи шоҳ. Намуд аз тарафи даромадгоҳ.

ёфтааст. Дар рӯи қариб тамоми тангаҳо сурати сари мард дар афсари болдори типи сосонӣ акс ёфтааст, ки ду лентаи овезон ва дар гӯшу гардан зевар дорад. Пушти танга аломатҳои авлодӣ ва навиштаҷоти унвон ва номҳои шахсӣ: Ҷирдмиш, Сатачари ва Раханч дошт. Ин се ном, ки нумизмат-суғдшиноси машҳур О. И. Смирнова дар тангаҳо хондааст, номи ҳокимони ба мо номаълуми Истаравшан, эҳтимол, намояндагони сулолаи аввалаи мустақили он буданд. Тангаҳои арабӣ ва суғдӣ ҳам дарьёфт шуданд. Масалан, тангаи нодири мисӣ пайдо шуд, ки дар рӯяш марди тоҷдор, дар болои тоҷ моҳ ва офтоб ва дар пушти танга тамға ва салиб акс ёфтаанд. Аз чап ва рости танга хати суғдӣ дарҷ шудааст.

Аз ёфт шудани тангаҳои қадимӣ ва дигар мушоҳидаи археологию меъморӣ тахмин меравад, ки қаср на дертар аз асрҳои VI—VII милодӣ сохта шудааст ва аз қасри якӯм дида андак

зиёдтар пойдор будааст. Ба ин тангаҳои сиккаи арабӣ ва чанд зарфҳои давраи сомонӣ гувоҳанд. Баъди ба охир расидани кофтуков ва пурра омӯхтани материалҳо ин сана, эҳтимол, аниқ шавад. Ҳоло хароб шудани қасрро бо яке аз ҷангҳо, ки Исмоили Сомонӣ, тахминан солҳои 893—894 милодӣ Истаравшанро ишғол карда буд, вобаста кардан мумкин аст. Дар натиҷаи ин сулолаи подшоҳони Истаравшан барҳам хӯрда, вилоят ба давлати сомонӣ ҳамроҳ шуда буд. Дигар воқеае, ки хароб шудани қасрро бо он вобаста кардан мумкин аст, дар аввали асри XI кишварро истило кардани қарохониҳо мебошад.

## ЁДГОРИҲОИ САНЪАТИ ҚАСРИ ҚАЛЪАИ ҚАҲҚАҲАИ I

Қасри Қалъаи Қаҳқаҳаи I, ки солҳои охир кофта шуд, ганҷинаи ҳақиқии санъат мебошад. Дар ин ҷо солҳои 1965—1971 аз байни харобаҳои хонаҳо ҳазорҳо порчаҳои нақшу нигори деворҳо, дар деворҳо бошад даҳҳо мураббаъметр боқимондаҳои суратҳо ёфт шуданд. Аз онҳо ҳоло қариб 70 манзараҳои композицияҳои сюжетиро ҷамъ кардан муяссар шуд. Аз харобаҳои хонаҳои қаср қариб 200 қисм чӯбҳои кандакоришудаи сӯхта пайдо шуд. Аз ягон ёдгории ҷудогонаи бостонии Осиёи Миёна ин миқдор намунаи марғуби осори санъат то ҳол пайдо нашуда буд. Дар байни онҳо даҳҳо шоҳкориҳои ҳақиқии сазовори аҳамияти ҷаҳонӣ мавҷуданд.

Ёфтан, тозаю мустаҳкам ва консервация кардан, ба Душанбею Ленинград фиристодани ин миқдор суратҳо ва чӯби кандакорӣ меҳнати бисьёри отряди барқароркунандаҳои Устохонаи реставрацияи суратҳои монументалии Эрмитажи давлатии Ленинград ва Лабораторияи илмии реставрацияи Институти таърихи ба номи Аҳмади Дониши Академияи фанҳои РСС Тоҷикистонро талаб кард. Ба ин корҳо рассом ва реставратори маъруфи ленинградӣ В. М. Соколовский роҳбарӣ мекард. М. П. Страдомская, В. П. Виноградова, В. П. Фёдоров, Ф. Суликаева, Н. Турлыгин ва дигарон ёрдамчиёни наздики вай буданд. Ба барқароркунандаҳо олимони пуртаҷриба, санъатшиносон—докторн илмҳои таърих В. Л. Воронина ва номзади илми санъатшиносӣ Э. В. Кильчевская, археологҳо П. Т. Самойлик, Л. Т. Пьянкова ва дигарон ёрӣ расониданд.

Қайд кардан даркор аст, ки вазъияти нақшу нигорҳои Шаҳристон аз нақшу нигорҳои намоёни Панҷакент, Варахша, Самарқанд ва Балаликтеппа фарқ дорад. Дар Шаҳристон девори қаср похса буда, бисьёри ҷойҳои рӯйкаши он сӯхта, хеле ковок шуда-

аст, ки ин вазъияти корро хеле мураккаб мекард. Бинобар ин ба таври таҷриба аввал якчанд қисмҳои камбаҳоро кӯчонида, дар онҳо таъсири моддаҳои химиявии мустаҳкамкунанда санҷида шуд. Дар натиҷа тарзу усули коркарди саҳроии нақшу нигорҳои Шаҳристон тартиб дода шуд.

Баъди аз хоктӯда озод кардан болои нақшу нигор ба қадри имкон аз чирку хок тоза ва бо маҳлули 20% ва баъд 25% полибутилметакрилати (ПБМА) бо ксилол омехта то пурра ҷаб-



Расми 6. Саломхонаи шоҳ. Намуд аз тарафи тахт.

бида шуданаш 22—25 бор тар карда шуд. Баъди он ки дар болои нақшу нигор пардаи тунуки шаффоф ҳосил шуд, онро бо тахтафанер пӯшида аз болояш полиэтилен кашида мешуд, ки ин нақшу нигорро тоза нигоҳ медошт ва суръати хушк шудани маҳлул ва, аз ин рӯ, боло кашида шудани заррачаҳои акрилатро суст мекард. Нақшу нигор 3—4 рӯз дар ҳамин ҳолат меистод. Баъд рӯи нақшу нигор ба қисмҳо бурида мешуд. Ҳаҷми қисмҳо ба қулай ва бехавф кӯчонида гирифтан, инчунин характери нақшу нигор вобаста буд. Сипас тамоми рӯи ин қисмҳо бо маҳлули 25% БПМА-и бо ацетон омехта 1—2 бор тар карда мешуд. Дар натиҷа дар рӯи он як қабат пардаи мустаҳкам ҳосил мешуд, ки нақшу нигорро муҳофизат мекард. Сипас ба ҳар як қисм маҳлули 10% бутирал молида, як қабат дока часпонда мешуд. Барои ҳар як порчаи нақшу нигор лавҳаи андозааш мувофиқи фанер ҷудо тайёр карда мешуд.

Бо ин тарзу усул аз девор ҷудо карда гирифтани рӯйкаши нақшу нигордор малакаи хуби барқароркунандаро талаб мекард. Нақшу нигори бо ин усул аз девор ҷудо кардашуда бо ҳамроҳии лавҳа ба замин гузошта мешуд. Ин кори масъулиятнок ва душвори аз девор ҷудо кардани нақшу нигор бомуваффақият анҷом ёфт. Сипас қафои рӯйкаши нақшу нигородорро бо корд ва скальпель тарошида, хокҳои зиёдатӣ дур карда ва ғафсии рӯйкаш то ба 4—5 мм расонида мешуд. Қисмҳои суратҳо аз қафояшон ба маҳлули 25% ПБМА то 15 бор, яъне то аз маҳлул сер шуданашон, тар карда мешуданд. Дар ҳамин ҳолат нақшу нигор тамоман хушк карда мешуд. Баъд ҳар як қисми нақшу нигор ба тахтақуттиҳои махсус тайёр кардашудан ҳаҷму шаклаш мувофиқ андохта мешуд.

Дар тахтаҳои чандир бурида гирифтани нақшу нигорҳо, ки дар Шаҳристон ба ҷо оварда шуд, ба ниҳоят сахт будани деворҳои похсаи ин ҷо вобаста буд. Чунин ҳолат усули дар Панҷакент кор кардашударо, ки мувофиқи он ба рӯи сурат тахта гузошта, нақшу нигори девор аз қафо ва паҳлуяш бурида гирифта мешуд, истисно мекард.

Пеш аз он, ки нақшу нигорҳо дар музейҳо барои намоиш гузошта шаванд, онҳоро бори дуйӯм дар шароити лаборатория аз тадбирҳои ниҳоят душвори барқароркунӣ гузарондан лозим шуд.

Усули ҷудо карда гирифтан ва кор кардани қисмҳои чӯби сӯхта низ хеле мураккаб ва масъулиятнок буд. Ҳангоми кофта ба фарши хонаҳо наздик шудан, ки дар он ҷо боқимондаҳои асосии чӯбҳои сӯхта мавҷуд буданд, хеле эҳтиёткорона амал карданро талаб мекард. Ҳар як порчаи чӯби сӯхта, қатъи назар аз он ки он кандакорӣ дорад ё не, бо ёрии скальпель, корд, чӯтка ва мӯқалам тоза карда мешуд. Ба рӯи тозашудаи чӯб парафинро об карда рехта, аз болояш дока часпонида мешуд. Ба сатҳи чӯбҳои кандакорӣ ба андозаи муайян парафин об карда рехтан лозим аст, зеро агар парафин аз ҳад зиёд рехта шавад, кори минбаъдаи лабораториро душвор мекунад ва агар кам рехта шавад, ёдгорӣ дар роҳ шикаста нобуд шуданаш мумкин аст.

## СУРАТҲОИ ҚАСР

Соли 1969 нахустин бор дар амалияи корҳои археологӣ ва барқароркунӣ дар Иттифоқи Советӣ аз харобаҳои толори тахти қаср калонтарин ёдгории чӯби сӯхта — пештоқи толори қаср ёфта шуд, ки ҳаҷмаш 293 × 143 см буд.

Тамоми деворҳои толори тахт ва толори хурд, даҳлези толори тахт, хонаи истиқоматии № 11, роҳрави даромад ва марказӣ мусаввар буданд. Аз таъсири сӯхтор, хароб шудани деворҳо ва дигар омилҳои табиии обу ҳаво қисми хеле зиёди деворҳои мусаввар нобуд шудаанд. Агар сатҳи умумии деворҳоро бо қисмҳои то замони мо боқимондаи суратҳо муқоиса кунем, пас маълум мешавад, ки аз бист як қисми деворҳои мусаввар боқӣ мондаанд, вале ҳолати онҳо чандон хуб нест.

Дар натиҷаи сӯхтор суратҳои саломхонаи калони шоҳ қариб тамоман нобуд шудаанд; рӯйкаши сӯхтаи қариб тамоми девор-



Расми 7. Намунае аз нақшу нигори даҳлези саломхонаи шоҳ.

ҳо канда шуда афтода, танҳо дар баъзе ҷойҳо боқӣ мондааст. Дар асоси мушоҳидаи қисмҳои боқимонда хулоса бароварда шудааст, ки дар деворҳои саломхонаи шоҳ суратҳои хеле калони одамони дар тан сару либоси рангоранг ва ҷавшанпӯш акс ёфтаанд. Дар кунҷи шимоли шарқии толор сурате ёфт шуд, ки дар он ёли шер акс ёфтааст. Дар сурати дигар аспи сафед ва як қисми сари лаҷомдори онро дидан мумкин аст. Ба гардани асп тирҳои бисёр даромадааст. Андозаи тирҳо аз тирҳои муқаррарӣ тақрибан 2,5 баробар калон аст.

Дар ин расмҳо рангҳои гуногун истифода шудаанд: вале рангҳо, бидуни ранги лоҷувард ки ба таъсири оташ тобовар аст, тамоман хираанд.

Даҳлези саломхонаи шоҳ ҳам бо суратҳои рангоранг зинат дода шудааст. Дар кунҷи шимоли ғарбии он қисми поёни суратҳо боқӣ мондаанд, ки дар онҳо нақши аҷоибе аз навдаҳои печ дар печ акс ёфтааст; аз боло ва поёни онҳо қатор-қатор ҳалқаҳо кашида шудаанд. Дар харобаҳои ин хона бисьёр порчаҳои рӯйкаши девор дучор меоянд, ки дар онҳо нақшу нигори майда, инчунин сурати қисмҳои сару либос кашида шудаанд ки асосан рангҳои заррин, норинҷӣ, сурх ва қаҳвагӣ доранд.

Дар хонаи хоссаи хеле бароҳати № 11, ки дорои даҳлези даромад ва ҳоилҳои тахтагӣ мебошад, дар деворҳои ғарбӣ ва ҷанубӣ осори суратҳо дида мешавад. Аз онҳо дар девори ҷанубӣ танҳо як лавҳаи андозааш 232×75 сантиметриро муайян кардан муяссар шуд: ин як қисми манзараи калони муҳориба мебошад, ки аз он қисми поёни сурати одамони рост истода, пойҳои аспони даванд ва ҷасади ҷанговари мақтул боқӣ мондааст. Рангҳо, ғайр аз сафед, сиёҳ ва лоҷуворд, парида хира шудаанд. Суратҳои бо рангҳои сурху сиёҳ кашидашуда, хеле хуб нигоҳ дошта шудаанд.

Аз девори шарқӣ барои корҳои лабораторие барқароркунӣ сурат — композицияи сюжетӣ кӯчонида гирифта шуд. Вале аз сабаби хеле хароб будани он фаҳмиданаш душвор аст. Ранги он дар ҳама ҷояш қариб тамоман паридааст. Бо вуҷуди ин дар натиҷаи бодиққат омӯхтани он мазмуни композиция ошкор гардид. Дар тарафи чап кат барин чизи баланде тасвир шудааст, ки он ба се поя такья мекунад. Пояҳо ба ҳайкали ҳайвони афсонавӣ монанданд. Дар тарафи рости «кат» марди мӯзаи зардпӯш пойҳояшро чиллик карда нишастааст.

Эҳтимол, дар тарафи чапи «кат» сурати боз як одам будааст, вале ин ҷои рӯйкаш тамоман хароб шудааст ва танҳо баъзе хатҳо дида мешаванд. Аз тарафи рости «кат» сурати марди дар тан камзӯли қаҳваранги мӯйдароз инъикос ёфтааст, ки сари ду зону истодааст ва дар миёнаш ханҷар дорад. Вай дар дасти чап зарферо дошта, бо дасти рост ба марде, ки болои «кат» нишастааст, қадаҳи калонеро дароз мекунад.

Дар тарафи рост, яке аз паси дигар, одами ростистодаи камзӯли кабуду мӯзаи сиёҳпӯш ва одами дигари ростистодаи либоси қаҳварангпӯш тасвир ёфтааст. Аз паси онҳо як қатор одамони аз «кат» ба тарафи чап рафтаистодаи камзӯлҳои дароз ва мӯзаҳои сиёҳпӯш тасвир шудаанд. Танҳо дар як маврид одами пойлуч тасвир шудааст, ки камзӯли нилгун дорад. Тамоми расм аз поён ҳошияи кунгурабандӣ дорад.

Танҳо баъди пурра кор карда баромадан дар лаборатория

ба ин ё он дараҷа фаҳмидани мазмун ва қимати бадеии ин композицияи тасвирӣ имконпазир мегардад.

Дар худи ҳамин девори шарқӣ боз як сурат ҳаст, ки дар он зани ба зону нишаста ба хубӣ намоён аст. Дар дасти зан як чизи кулӯла ҳаст, ки дар атроф ва мобайнаш ҳалқаҳо дорад.

Ду сурати девори ғарбии роҳрави марказӣ қимати калони



Расми 8. Модагург ду

таърихӣ дорад. Он дар қисми ҷанубии девори шарқӣ, дар тарафи чапи даромади толори «хурди» қабул ҷойгир аст.

Андозаи ин расм, ки мо онро «Шӯрои ҳарбӣ» номидем, 120 × 85 сантиметр аст. Дар ин расм се нафарро дидан мумкин аст, ки онҳо пойҳояшонро чиллик карда нишастаанд. Акси ҳамаи онҳо каму беш зарар дидааст.

Дар ҳамаи расмҳо танҳо мардҳо акс ёфтаанд. Усули хоси тасвири одамонро қайд кардан мароқовар аст: аз рост сар карда ҳар як шахси нишаста ба дараҷае якдигарро панаҳ кардаанд, ки ин бояд ба мартабаи ҳар як одами нишаста рост ояд. Ду сурати мард, ки чандон зарар надидааст, аз якдигар дар синну сол ва сару либос фарқ мекунад.

Шахси дар марказ буда ҷанговареро, аниқтараш, сарлашкареро мемонад, ки камзӯли дароз дошта, аз болои он камарбанд бастаасту дар он ханҷар ва шамшери дасташ нуқракӯб ҳамоил аст. Остини камзӯл андак барзада шудааст ва чинҳо дорад. Ҷанговар бо дасти чапаш ғилофи шамшерро, ки дар рони чапаш овезон аст, дошта истодааст, дасти росташро нимкат карда, боло бардошта ва кафашро ба тарафи муқобил гардонидааст. Рӯяш гирд, устухони рухсорааш андак барҷаста, чашмонаш хурди чу-

қур, андак нимпӯш, камони абрувонашро баланд бардоштааст. Аз ду кунҷи лабаш нӯги мӯйлаби борики кӯтоҳаш овезон, лабҳояш пӯшида, манаҳаш борики бузриш, дар сар кулоҳ надорад, аз паси гӯши росташ зулф намудор аст, дар гӯши росташ гӯшвораи лӯнда, дар банди дасти росташ дастпона дорад. Дар пояш мӯзаи соққӯтоҳи пошнаю панҷааш паҳн дорад.



кӯдакро маконда истодааст.

Марди дар миёна буда ҳамчун одами солхӯрда, вале хеле чорпаҳлу ва тавоно тасвир шудааст. Ҷуссаи тавонои вай, махсусан дастонаш, бо хатҳои равшани намоёни сурх кашида шудаанд.

Ҳамсӯҳбати тарафи рост — одами нисбатан солхӯрда буда, дар рӯяш аломати пирӣ мушоҳида мешавад. Вай дар тан камзӯли дӯхташ махсуси васеъ дорад. Дар сараш кулоҳ дорад, ки аз зери он, аз паси гӯш мӯйҳои тунукаш овезонанд. Ин пирамард ба ҷанговар монанд аст.

Ин суратҳоро, бешубҳа, рассоми боистеъдоде моҳирона кашидааст. Қайд кардан даркор аст, ки суратҳои Шаҳристон ба суратҳои Суғд ва Тохаристон монанд бошад ҳам, вале такрори онҳо нест. Баракс, сабки ба худ хос дорад, ки онҳоро мукаммал ва пурра омӯхтан бағоят муҳим аст.

Солҳои 1967—1969 аз девори ғарбии шашметраи роҳрави марказии қаср композицияи аҷоиб, ки ба худ номи «Модагурге, ки ду кӯдакро мемаконад»-ро гирифт, ёфта шуд ва аз девор кӯчонда барои таъмир ба Эрмитажи давлатӣ супурда шуд.

Дар тарафи чапи расм одами болои кат нишаста (аз миён поёнаш боқӣ мондааст), ки пояш то зону луч аст, тасвир шуда-

аст. Аз тарафи рости он дар канори кат зани нимбараҳнаи мӯйдароз дузону истодааст. Пояҳои кат ба шакли ҳайвони афсонавии сагмонанд кашида шудаанд.

Пас аз он ду одам тасвир шудааст, ки рӯ ба рӯи якдигар истодаанд. Яке аз онҳо, эҳтимол, ҳамон зани нимбараҳна буда, «чизеро» ба марди камзӯли тира дар тан, мӯзаи сиёҳ дар пой бо андӯҳи бузург дароз мекунад. Мард ҳам дастонашро ба ҳамон «чизи номаълум» дароз кардааст. Эҳтимол, ин «чизи номаълум» кӯдаки парпеч ё либосдор бошад.

Сипас дарьё кашида шудааст, ки дар оби он як махлуқи хокистаррангги сафедтоб, эҳтимол, лаққамоҳӣ бошад, шино мекунад.

Пас аз чанд расми дигари гуногун сурати калони модагург ва ду кӯдаки синамак акс ёфтааст. Модагург сарашро ба қафо, ба сӯи кӯдакон гардонда, даҳонашро кушода истодааст.

Кӯдаки тарафи рост диккак нишаста, дасти росташро ба пистони ҳайвон дароз карда истодааст. Кӯдаки тарафи чап дар ҳолати макидани сина тасвир шудааст. Вай бо тамоми ҷуссааш ба сӯи синаи модагург хам шуда, бо ду дасташ пистонро маҳкам дошта макида истодааст ва зонуҳояш нимқат мебошад. Ҳар ду кӯдак бараҳна, хеле фарбеҳ, аз рӯи расм аён аст, ки онҳо ҳамсинанд.

Композицияи суратҳо дар назди токчаи роҳрави марказӣ, ки дар рӯ ба рӯи даромадгоҳи қаср воқеъ шудааст, ба охир мерасад. Тамоми қисми поёни сурат ҳошия дорад, ки он суратро аз сатҳи суфаи роҳрав ҷудо карда меистад.

Тамоми композицияи шашметра хеле реалистона, бодиққат ва бо маҳорат кашида шудааст. Дар композиция ҳолати ҷиддӣ ҳис карда мешавад, ки иштирокчиёнаш инҳоянд: аз соҳили чапи дарьё — ҳоким, ки дар кат нишастааст, зан — модари нимбараҳнаи кӯдаки парпеч, ки мӯйҳояш парешонанду илтиҷо мекунад, марди саросар сиёҳпӯш, ки кӯдакро аз зан кашида гирифта истодааст (шояд ҷаллод бошад) ва марде, ки тамоми ин манзараро тамошо карда истодааст; дар соҳили рости дарьё — як гурӯҳи сенафара, ки аз он сӯи дарьё ин воқеаро тамошо мекунад ва марди мушоҳидакор — наҷотдиҳандаи кӯдакҳо.

## РАМЗИ РИМ ДАР СУРАТҲОИ ИСТАРАВШАН

Композицияи «Модагурге, ки ду кӯдакро мемаконад», бешубҳа, яке аз суратҳои анъанавии афсонавӣ мебошад, ки дар мифологияи бисьёр халқҳо мавҷуд аст ва дар Рими антиқӣ қонунӣ шудааст.

Мувофиқи ин анъана Эней писари олиҳаи ҳусн Афродита ва Анхис, яке аз ҳомиёни асосии шаҳри Осиёи Хурд — Троя дар вақти ҷанги машҳури троянӣ (асри XII пеш аз милод) аз ин шаҳри харобшуда ва сӯхтаистода сурати худоҳои хонагӣ—пенатҳо ва падари пири худро гирифта баромад, мардуми зиндамондаро ҷамъ кард ва ба киштӣ бор карда бурд, то ки дар ҷои дигар Трояи нави худро буньёд кунад. Ба ҳамин тариқ, трояниҳо бо сардории Эней ба вилояти Лациуми Италия омаданд ва сарнаслони римиҳо шуданд.

Мувофиқи ривоят яке аз хешони Эней ва писари шоҳи шаҳри Албалонга Амулий даъвогари эҳтимолии тахти падараш — экизакҳо Ромул ва Ремро ба дарьёи пурталотуми Тибр партофт. Вале Ромул ва Рем наҷот ёфтанд — онҳоро модагург маконда калон кард ва чӯпони шоҳ тарбия намуд. Ромул ва Рем ба воя расида наслу насаби худ ва кирдори бади амакашон Амулийро мефаҳманд ва аз ӯ қасос мегиранд. Дар ҷои наҷотёфтаи худ — теппаи Капитолий шаҳри нав буньёд мекунанд. Вале дар натиҷаи низое ки барои номгузорӣ ба шаҳри нав ва ҳукмронӣ кардани он бархост, Ромул Ремро мекушад. Ромул шоҳи Рим мешавад.

Афсонаи корнамоиҳои машҳури сарнасли римиҳо — Эней дар асри III пеш аз милод дар Рим расман эътироф шуд ва мавзӯи бисьёр асарҳои шоирон ва таърихшиносони атиқа, аз ҷумла асари машҳури «Энеида»-и шоири асри I пеш аз милод Вергилий гардид.

Тахмин мекунанд, ки варианти нахустини афсона дар бораи буньёди Рим дар асри VI—V пеш аз милод дар байни этрускҳои Италияи миёна пайдо шуд. Бино ба ин афсона асосгузори Рим танҳо як кас — Ромул мебошад. Ин вариант барои маънидод кардани номи Рим асос шуд. Дар натиҷаи таҳияи нави афсона асосгузори Рим ду кас мешавад. Дар аввали асри III-и пеш аз милод бошад, ривояте расман эътироф мешавад, ки дар он ду бародар — Ромул ва Рем асосгузори Рим дониста шудаанд.

Анъанаи таърихии Рим таърихи ибтидоии Римро ҳамин тавр маънидод мекунад. Аз рӯи ин анъана Эней сарнасли римиҳо, зурьёти вай Ромул ва Рем асосгузорони Рим мебошанд. Буньёди шаҳр ба солҳои 754 ё 753 пеш аз милод нисбат дода мешавад.

Пас аз такмили афсона ва дар асри III пеш аз милод расман эътироф шудан модагурги капитолие ки ду кӯдак — Ромул ва Ремро мемаконад, рамзи шаҳри Рим мегардад.

Афсонаи асосгузорони Рим чи дар адабиёти таърихӣ ва чи дар ёдгориҳои санъат васеъ инъикос ёфтааст.

Дере нагузашта дар Рим тангаҳоеро сикка зада бароварданд, ки дар рӯи онҳо модагурги Ромул ва Ремро маконидаистода тасвир шудааст. Ин сюжет дар сиккаи империяи Рими Шарқӣ то асри VI милодӣ боқӣ мондааст. Чунин тангаҳо дар территорияи СССР низ ёфт шудаанд. Аз наздикии посёлкаи Сосницаи райони Сосницаи вилояти Чернигов як тангаи хурди биринҷии римӣ ёфт шудааст, ки дар он модагурги Ромул ва Ремро маконидаистода акс ёфтааст. Дигар ин хел танга — динори император Филипп Араб (солҳои 244—249) аз соҳили наҳри Роси маҳалли Шкаровкаи райони Белоцеркови вилояти Киев ёфт шудааст.

Соли 1952 ҳангоми кофтани биноҳои истиқоматӣ ва хоҷагии маъбади Панҷакенти қадим брактеати тиллоие ёфт шуд, ки хеле тунук ва диаметраш 23 мм буд. Дар рӯи он модагурги ду кӯдакро маконидаистода акс ёфтааст.

А. М. Беленицкий, ки брактеати Панҷакентро интишор кардааст, суратро, бешубҳа, герби шаҳри Рим мешуморад. Вай тахмин мекунад, ки чунин танга дар Осиёи Миёна, агар таърихи робитаҳои Осиёи Миёнаро бо мамлакатҳои ғарб ба назар гирем, маҳз дар асри VI милодӣ оварда шудааст. Муқоисаи брактеати Панҷакент бо бисьёр тангаҳои сиккаи ғарбӣ, ки ҳамин хел рамз доранд, нишон дод, ки ин брактеат ба сиккаҳои ҳамон солҳо хеле наздик аст. Мутахассиси машҳури нумизматикаи Рим ва Византия В. В. Кропоткин чунин мешуморад, ки брактеати Панҷакент аз сиккаи византиягии асри V—VI нусхабардор шудааст.

Умуман дар Осиёи Миёна қариб даҳ нусха, аз ҷумла ду нусха аз ёдгориҳои Шаҳристон брактеати тиллоӣ ёфт шудааст. Тадқиқотчиён чунин мешуморанд, ки онҳо аз сиккаҳои римӣ ва византиягӣ нусхабардоранд ва дар Осиёи Миёна дар натиҷаи робитаҳои империяҳои Рими Шарқӣ пайдо шудаанд.

Дарьёфти нақшу нигори меъмори Истаравшан нахустин дар Осиёи Миёна ва тамоми Шарқ тасвири нодири саҳеҳ ва оригинали сюжети афсона оид ба асосгузорони Рим мебошад.

Шояд дар санъат рассомии Осиёи Миёна пайдо шудани рамзи Рим ҳодисаи тасодуфӣ бошад? Маълум нест, ки ин сюжет дар ин ҷо маъмул гардидааст ва ё дар ин ҷо барои дарк намудани чунин мавзӯъ заминаи муайян буд. Инчунин маълум нест, ки дар фольклори қадимӣ ва дерини Осиёи Миёна ин қабил мавзӯъҳои мифологӣ то чӣ андоза маъмул буданд. Ниҳоят, маълум

нест, ки наққош намояндаи равияи маҳаллии санъати рассомии суғдии истаравшанӣ буд, ё ин ки нақшу нигори ин қаср кори наққоши аз ғарб даъватшуда аст.

Осиёи Миёнаи қадим ва мамлакатҳои воқеъ дар ғарбтари он —Эрон, Юнон, Рим ва Византия, махсусан дар давраҳое, ки районҳои гуногуни Осиёи Миёна дохили империяҳо ва салтанатҳои давраи ғуломдории ҳахоманишҳо, Александри Македонӣ, Селевкидҳо, юнонию бохтариҳо, парфиявиёну кӯшониён ва сосониён буданд, барои шинос шудан бо маданияти маънавии якдигар, аз ҷумла бо анъанаҳои афсонавии тасвирии якдигар имкониятҳои бисьёр доштанд. Давраи ҳокимияти кӯшониён ва давраи иштироки суғдиён дар мубодилаи васеи маданӣ ва иқтисодии байналхалқӣ, аз ҷумла бо Византия, барои мубодилаи мадании замони эллинизм (Юнони қадим) бештар мусоид буданд. Бояд гуфт, ки дар ин бобат роли Византия ниҳоят калон буд, зеро он бисьёр анъанаҳои империяи Рими қадимро инкишоф медод.

Ба андозаи зиёд аз худ кардан ва инкишоф додани анъанаҳои Юнони қадим дар маркази Осиёи Миёна маҳз баъд аз барқарор гаштани ҳокимияти устувори ҳокимони маҳаллии кӯшониён сар шуда буд. Дар замони кӯшониён алоқаҳои гуногуни халқҳои гирду атрофи баҳри Миёназамин, Шарқи Наздик ва Миёна, Осиёи Марказӣ, Ҳиндустон ва Шарқи Дур хеле вусъат ва инкишоф ёфта буданд. Материалҳои археологияи имрӯза инро ба куллӣ тасдиқ мекунанд ва нишон медиҳанд, ки суғдиён дар шоҳроҳи бузурги трансконтиненталии тиҷоратӣ ва дипломатии байни Шарқи Наздик ва Шарқи Дур ва дар равобити байни халқҳои ин сарзаминҳо роли муайяне мебозиданд.

Ибтидои робитаҳои аҳолии Осиёи Миёна ба маданияти Ғарб ба замонҳои пеш аз ҳахоманишҳо ва ба замони худи ҳахоманишҳо мансуб мебошад. Дар ин давра тамаддуни шаҳрии Осиёи Миёна нумӯ мекард ва хоҷагии деҳқонӣ мустаҳкам мешуд. Дар давраи дуйӯм (асрҳои IV—I пеш аз милод) таъсири олами эллинӣ ба ҳаёти сиёсӣ, пулӣ, тиҷоратӣ хеле зӯр шуда буд. Ин таъсир бештар дар соҳаи маданият зоҳир мешавад, чунки дар ин вақт қонунҳо ва намунаҳои санъати эллинӣ эҷодкорона аз худ карда мешуданд. Дар давраи сейӯм (асрҳои I—III милодӣ) аҳли шарқ ба санъати эллинӣ бештар шавқманд мешавад ва дар асоси анъанаҳо ва талабу эҳтиёҷоти маҳаллӣ ва инчунин дар асоси дигар хел фаҳмидан ва дарк намудани комьёбиҳои санъати Юнону Рим маданияти табиатан якхелаи кӯшонӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин давра робитаҳои тиҷоратӣ бо вилоятҳои шарқии

империяи Рим хеле тараққӣ мекунанд, ки инро аз ҳар кучои Осиёи Миёна ёфта шудани маснуот ва пулҳои хориҷӣ ба куллӣ тасдиқ мекунад. Характери робитаҳои ҳар се давра аз он маълум мешавад, ки дар ин даврахо дар ҳама ҷойҳои Осиёи Миёна тамаддуни шаҳрӣ ва анъанаҳои устувори маданияти хеле тараққикардаи мардуми муқимӣ дида мешуд. Таъсири зӯри робитаҳои дарозмуддати мардуми бисьёр вилоятҳои Осиёи Миёна бо тамаддуни Юнону Рим дар маданияти асрҳои VI—VIII низ боқӣ мондааст. Дар воқеъ дар асоси дарьёфтҳо ва ҷустуҷӯҳои санъат ва як қатор ёдгориҳои дигари Панҷакенту Истаравшан муқаррар намудан мумкин аст, ки мавзӯъҳои атиқа дар Осиёи Миёна хеле маъмул буданд.

Дар тиҷорат, ба ғайр аз абрешиму шоҳивор, молҳои дигар ва инчунин маснуоти ҳунармандони Византию дигар мамлакатҳои Ғарб, хусусан ашьёи зебу зинат ва ҳар хел дигар чизҳои аҷоиб низ мавқеи муҳим ишғол мекарданд. Бисьёрии ин чизҳо дар худи Осиёи Миёна мемонданд. Албатта, дар байни чизҳои нодири румӣ чизҳои дигар буданд, ки сюжетҳои мифологӣ ҳам доштанд. Ба ҷумлаи чунин маснуот махсусан брактеатҳои дар Осиёи Миёна ёфтшуда, аз ҷумла брактеати панҷакентӣ, тааллуқ доранд, ки дар он ду бачаи одамиро макондани модагург тасвир ёфтааст. Албатта, мустасно нест, ки намояндагони ин мамлакатҳо — савдогарон, сафирон, сайёҳон, миссионерон ва ғайра дар натиҷаи муносибатҳои шахсӣ мубодилаи сарватҳои маънавӣ карда бошанд. Бисьёр намунаҳои нумизматика (ҳар гуна пулҳо, медалҳо ва ғайра), нишон медиҳанд, ки асрҳои VI—VII ва ибтидои асри VIII давраи авҷи робитаҳои мардуми Осиёи Миёна ва Византия буданд.

Сиккаҳои гуногун ва ёдгориҳои хаттии ёфтшуда гувоҳӣ медиҳанд, ки хоқони турк ва Византия муносибатҳои тиҷоратӣ ва сафоратӣ (муносибатӣ тоҷири суғдӣ Маниах ва сарлашкар Зимарх дар соли 576 милодӣ, муносибатҳои Тағма, Валентин ва дигарон) доштаанд. Дар хусуси чунин робитаҳои Мовароуннаҳр дар давраи ҳокимияти хилофати араб ва давлати сомониён яъне дар асрҳои VIII—X чи дар маъхазҳои хаттӣ ва чи дар байни дарьёфтҳои нумизматӣ (сикка) аломате дида намешавад.

Дар ҳамин ҷо як хулосаи бисьёр муҳимми М. Е. Массонро ба хотир овардан лозим аст. Муқаррар намудани осори «атиқаи румӣ» дар нақшу нигорҳои девории Туркистони Шарқӣ (Қизил ва Қумтӯр, воҳаи Кӯчар) ва як қатор дарьёфтҳои археологӣ аз чизҳои нуқрагини станцияи Покровский наздикии шаҳри Фрунзе то дафинаҳои ҳанӯз номаълуми бисьёр пулҳои тиллоӣ, ки дар

рӯяшон худои «арвоҳи муқаддас» дар шакли кабӯтар, инчунин Исо дар шакли барраю хашиш тасвир ёфтааст (онҳо аз наздикиҳои станцияи дуйӯми роҳи оҳани воқеъ дар ғарбтари Ашқобод ёфта шудаанд), дар замонҳои қадим робитаҳои маданӣ доштани Византия ва Осиёи Миёнаро равшан нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, дар ибтидои асрҳои миёна дар давраи муносибатҳои Осиёи Миёна ва Византия ба Осиёи Миёна дохил шудани сюжети афсона оид ба асосгузорони Рим аз ҳақиқат дур нест. Чунин сюжетҳо қадаре пештар аз ин ҳам (дар асри II милодӣ, ҳамон вақтҳое ки сарҳадҳои империяи бузурги ғуломдории Рим аз Британия то баҳри Хазар кашол меёфт ва ин империя бо Осиёи Миёна ҳамсоя буд, аз Юнон ва Рим ба Осиёи Миёна гузашта метавонистанд.

Ҳаминро низ дар хотир доштан лозим аст, ки дар ибтидои солшумории мо мардуми Юнону Рим бо Осиёи Миёна ва Марказӣ ба воситаи роҳи машҳури «абрешим» робитаи тиҷоратӣ доштанд. Инро ҳам дарьёфтҳои археологӣ, махсусан сиккаи қадимии ёфтшуда ба куллӣ тасдиқ мекунанд.

М. Е. Массон, ки ҳамеша пулҳои аз ҳудуди Осиёи Миёна дарьёфта мешудагиро муайян ва муқаррар мекунад, нишон медиҳад, ки дар ин ҷо ба микдори зиёд динорҳои румӣ ёфта шудаанд. Ин динорҳои Август (соли 27-ӯми милод — соли 14-ӯми милодӣ), Веспасиан (солҳои 69 ва 70-ӯми милодӣ), Домициан (солҳои 81—96), Троян (солҳои 98—117), Адриан (солҳои 117—138), Антоний Пий (солҳои 138—161), Марк Аврелий (солҳои 161—180) мебошанд. Динорҳои асри III милодӣ, аз ҷумла динорҳои Аврелиан Август (солҳои 270—275) низ дучор мешаванд. Ин сиккаҳо бештар аз территорияи байни водии Зарафшону Иссиққӯл ёфт шудаанд. Аз Хайрободтеппа як сиккаи биринҷии Нерон (солҳои 54—68) ёфта шудааст.

Дар ин хусус факти аз районӣ Ӯротеппа, яъне бевосита аз наздикии қасри афшинҳои истаравшанӣ ёфта шудани дафинаи динорҳои румӣ махсусан ҷолиби диққат мебошад. Дар аввал ин дафина қариб аз сесад динор иборат буд, ки аз онҳо 19 динорашон ба Эрмитажи давлатӣ дода шуд. Дар байни онҳо як динори Веспасиан (соли 74 милодӣ ва 18 динори асри II милодӣ) буд, ки аз номи шаш императори дигари Рим (Троян, Адриан, Сабин, Антоний Пий, Марк Аврелий, Коммод (мутобиқ ба солҳои 107—186 милодӣ) бароварда шуда буданд. Тадқиқотчии ин динорҳо Е. В. Займал қайд мекунад, ки ин дафина аз ҷумлаи ҳамон адади бисьёри нуқраҳои румӣ мебошад, ки аз афташ, дар асрҳои II—III на танҳо ба бозорҳои империяи Кӯшон, балки ба вилоят-

ҳои шимолие низ меомад, ки дар он замонҳо худашон сикказании мунтазам надоштанд. Аз тарафи дигар, мустасно нест, ки ин сиккаҳо ба гирду атрофи шаҳри Ӯротеппа дар натиҷаи додугирифти савдогарон дар роҳи бузург «абрешим» дохил шуда бошанд.

Ба назари мо, бо додугирифти савдогарон дар роҳи бузурги тиҷоратии Осиё муталлиқ будани ин дафинаи сиккаҳо бештар ба ҳақиқат наздик аст ва ин ба имконияти дар муомилоти пулии империяи Кӯшон, ки аз афташ Истаравшан ҳам ба ҳайати он дохил мешуд, будани пули римӣ ҳеҷ мухолифат надорад. Империяҳои Рим ва Кӯшон муносибатҳои ба якдигар фоиданоки тиҷоратӣ ва алоқаҳои дигар доштанд. Сиккаҳои ҳар ду давлат дар ҳар ду мамлакат ҳам маъмул буданд, ки инро аз ҳудуди давлати кӯшониён ёфт шудани сиккаҳои римӣ ва баръакс, аз ҳудуди давлати Рим ёфт шудани сиккаҳои кӯшонӣ ба куллӣ тасдиқ мекунад. Аз ҳамин нуқтаи назар дар Истаравшани Шимолӣ аз байни дафинаи сиккаҳои Фарҳодстрой ёфта шудани гӯшвораи мисрӣ дар шакли қиёфаи Гарпократ ҷолиби диққат аст.

Аз афташ, нумӯи ҳаёти иқтисодӣ, тараққиёти шаҳру деҳот ва устувории ҳаёти сиёсӣ, ки барои даврaи кӯшониён хос буд, боиси афзудани робитаҳои тиҷоратӣ гардид.

Ҳамин тариқ, давраи дигари наздик шудани муносибатҳои иқтисодии мардуми Юнону Рим ва Осиёи Миёна замони кӯшониён буд, ки дар он давра алоқа ва робитаҳои иқтисодию маданӣ хеле гуногун буданд. Албатта, ин робитаҳо боиси аз ҷиҳати маънавӣ бой кардани ҳамдигар мегардиданд ва махсусан анъанаҳои афсонавиро ҷорӣ мекарданд. Як қатор бозубанд ва шаддаҳои гавҳарҳои ҳаккокии парфию сосонӣ, ки инчунин дорои сюжетҳои афсонавӣ мебошанд, низ ба ҳамин равобит нисбат доранд.

Дар таркиби коллекцияи Ричард Фалькинер дар Лондон бозубанди халцедонӣ маълум аст, ки як тарафаш дар замони сосониён тарошида шуда, нақшаи модагурге, ки ду бачаро мемаконад, ҳилол, ситораи шашкунҷа канда шудааст ва инчунин хате ба забони паҳлавӣ навишта шудааст, ки таърихаш асри V милодӣ мебошад. Дар коллекцияи музеи Британия боз ду шаддаи халцедонии сосонӣ ҳаст, ки навиштаҷоти паҳлавӣ ва тасвири модагург доранд, ки ду бачаро маконда истодааст. Тасвири чаҳорӯмин бо худи ҳамин сюжет дар музеи таърихи санъатҳои Вена ва тасвири панҷӯмаш дар рӯи санги сайқалшуда бо навиштаи паҳлавӣ дар Берлин маҳфуз аст. Муҳаққиқи охирини ин шаддаҳои ҳаккокӣ А. Бивар чунин мепиндорад, ки мумкин аст

ҳаккокҳои сосонӣ ин сюжетро аз мӯҳрҳои римӣ гирифта бошанд, зеро мумкин буд онҳоро ба андозаи зиёд ба Эрони сосонӣ ворид кунанд. Ё мумкин буд эрониён онҳоро бо тасвири нишонҳои махсуси сарбозони (легионерҳои) Рим ғанимат гирифта, дар мақсураҳояшон маҳфуз дошта бошанд. Аммо, аз тарафи дигар, фикр баён мекунад, ки на ҳама ҷузҳои тасвири шаддаҳо аз нусхаи аслии римӣ гирифта шудаанд ва, эҳтимол дорад, ки дар ин ҷо сюжети қадимии афсонаҳои маҳаллӣ истифода бурда шуда, вобаста бо мавзӯи римӣ тағьир дода шуда бошанд. Чунин тахмин ба куллӣ имконпазир аст.

Табиист, ки ба муносибати ёфт шудани нақшу нигори деворин дорои рамзи Рими насронӣ чунин масъала ба миён меояд, ки қабул кардан ва аз нав ба вуҷуд овардани ин сюжет дар санъати тасвирии Истаравшан чӣ асос дошт. Эҳтимол, ин асоси динӣ дошта бошад ё сабаби дигар.

Дар асрҳои IV—V милодӣ ба таври оммавӣ ба Осиёи Миёна дохил шудани дини насронӣ, хусусан таълимоти мелькитҳои православӣ, несторӣ ва яковӣ сар шуда буд. Соли 334-ӯми милодӣ дар шаҳри Марв епископат таъсис ёфта, соли 420-ӯм ба митрополия табдил дода шуд. Марв оқибат яке аз се марказҳои бузургтарини маданияти несторин Эрону Осиёи Миёна гардид (бо ҳамроҳии Нисибин ва Ҷондишоҳпур). Аз ин ҷост, ки ал-Берунӣ митрополити Марв (Хуросон)-ро борҳо ҳатто католик номидааст. Ғайр аз ин, дар замони Берунӣ (вафоташ соли 1048) митрополити мелкитии православӣ ҳам буд .

Соли 130 дар Ҳирот епископат ва дар соли 588 митрополия ба вуҷуд омад. Ба гуфтаи ал-Истахрӣ, дар асри X дар наздикии Ҳирот калисои насронӣ буд. Дар нимаи асри V баъд аз он, ки соли 451 Яздигурди III-и сосонӣ шӯриши арманиёнро пахш кард, як қисми арманиёни монофизат зӯран аз ватанашон ронда шуда, ба колонияҳои насронии наздикии биёбони бузурги вокеъ дар сарҳадди Туркистону Даҳистон кӯчонда шуданд. Дар нимаи асри VI епископатҳо дар Обивард ва Марврӯд пайдо шуданд. Дар нимаи асри VII дар овони митрополит Илья як гурӯҳи туркони сокини сарҳадди воҳаи Марв дини несториро қабул карданд. Дар нимаи аввали асри VII епископатҳои яковӣ ҳам пайдо шуда буданд. Дар айёми патриарх Маъруфӣ (624—469) дар Сиистону Ҳирот епископҳои яковӣ таъин карда шуданд.

Дар асри V дини насронӣ ба Самарқанд ҳам сар даровард. Соли 549 патриарх Мар Абаи I (518—552) мувофиқи илтимоси подшоҳи эфталитҳо бар сари аҳли насронӣ давлати Эфталит епископи махсус таъин кард. Ақидае ҳаст, ки бошишгоҳи ин епис-

копати эфталитӣ дар Самарқанд буд, зеро дар он ҷо аз ибтидои асри VII митрополия вуҷуд дошт. Ба фикри ан-Надим дар давоми даҳҳо соли аввали истилои араб сокинони Суғд мӯъминони динҳои насронӣ ва зардуштӣ буданд. Ибни Ҳавкал ҳам дар бораи насрониёни Самарқанд дар асри X маълумот додааст. Дар асри VII дар Бухоро калисои насронӣ будааст, ки баъди ба ҳайати мулкҳои хилофати араб даровარда шудани шаҳр ба масҷиди қабилаи Бону Ҳанзал табдил дода шудааст.

Аз рӯи маълумоти ал-Берунӣ дар Хоразм мелкитҳо зиндагӣ мекарданд, ки ҳар сол дар моҳи май «иди гул» доштанд. Калисои насронӣ дар Талас ҳам буд, ки вай ҳам соли 893 аз тарафи Исмоили Сомонӣ ба масҷид табдил дода шуда буд. Қисмати ҳарами насрониён дар Марв ҳам чунин буд.

Дар Осиёи Миёна бисьёр деҳоти калон ва ҷамоаҳои қишлоқии насронӣ вуҷуд доштанд. Мувофиқи маълумоти ибни Ҳавкал ва Ёқут, дар шимолтари Мирзочӯл ва дар ҷанубтари Сирдарьё дар болои роҳи Ҷизах — Бинкат (Тошканди имрӯза аз рӯи тахмини В. В. Бартольд, дар ҳамон ҷое ки мавзеи Ӯрунбой воқеъ шудааст) деҳаи насрониён буд. Дар ҷанубтари Самарқанд ва дар шимоли ғарбтари Ургут дар байни киштзорҳо ва боғоти зебои кӯҳи Савдар дайр ва Вазкирд ном деҳаи калони насрониён будааст, ки онро дар солҳои 60-ум географи асри X ибни Ҳавкал тасвир кардааст.

Бино ба ишораи сарчашмаҳо дар ин деҳа насрониёни ироқӣ (бобулӣ) зиндагӣ кардаанд. Дайр мулкҳои ғайриманқул доштааст ва ду мавзеи насрониён дар наздикии сарҳадди Истаравшан воқеъ будааст.

Аҳли дини несторӣ дар Осиёи Миёна ва дар Туркистони Шарқӣ миссионерона рафтор мекарданд. Инро аз рӯи порчаҳои боқимондаи адабиёти динии несторӣ, ки ба забони хеле маъмул ва қисман байналхалқии суғдӣ навишта шудааст, тасдиқ намудан мумкин аст. Хеле бисьёр будани ин ҳуҷҷатҳо гувоҳӣ медиҳад, ки таъсири дини насронӣ дар байни худи суғдиён торафт меафзуд ва ин халқи хеле бомаданият дар паҳн кардани дини насронӣ дар байни халқҳо ва қабилаҳои шарқии ҳамсоя роли калоне мебозид. Ходимони дини насронӣ дар Осиёи Миёна, аниқтараш дар Марв, якчанд асарҳои мансуб ба илоҳиёт ва таърихи дини несторӣ навиштаанд (митрополит Илья, Ишодад ва дигарон). Таъсири дини насронӣ ба Осиёи Миёна асосан ба воситаи калисои Сурия буд ва дар ин кор шахсони насабашон эронӣ ҳам роли муҳим мебозиданд.

Ҳамин тариқ, шубҳае нест, ки дар Осиёи Миёна барои қабул

ва пахн шудани ҳар гуна анъанаҳои мифологии халқҳои ғарбии насронӣ заминаи муайяни динӣ ва маданӣ вуҷуд дошт. Ба ҳамин муносибат ҳикояи маъмули хитоиҳоро хотирнишон кардан ҷоиз аст, ки дар шаҳри Кӯшониё (воқеъ дар лаби дарьёи Зарафшон, дар байни Самарқанду Бухоро) бинои дуошьёна будааст, ки дар рӯи деворҳояш расмҳои императорҳои Чин (дар рӯи девори шимолӣ), мулкдорони турку ҳинд (дар рӯи девори шарқӣ), шоҳони Эрону императорҳои Рим (дар рӯи девори ғарбӣ) тасвир ёфтаанд. Ҳамин тавр, маъхазҳои хаттӣ тасдиқ менамоянд, ки дар мусавватаҳои девории Суғди ҳамсоя сюжетҳои Рими қадим вуҷуд доранд. Танҳо тадқиқи махсуси археологию санъатшиносии нақшу нигори девори Қизил ва Қумтӯра мавҷудияти нишонаи санъати Византияи қадимиро муқаррар мекунад.

Ин аст, ки композицияи нақшу нигори шаҳристонии «Модагурге, ки кӯдакро мемаконад» маҳз варианти аслии анъанаи афсонавии Рими қадимро бо тамоми тафсилоташ аз нав тасвир мекунад.

## ПАЙДОИШИ АФСОНАИ ГУРГ

Барои барқарор намудани ҳақиқати ҳоли таърихӣ масъалаи умумии пайдоиши афсонаи қадимии як қатор халқҳо дар бораи кӯдакони одамон партофтагиро парвариш кардани модагургон фавқулодда муҳим ва ҷолиби диққат мебошад.

Афсонаи умумии роҷеъ ба ин ки шаҳзодае ё фарзанди ягон шахси асилзода ба ҷое партофта шудаасту ӯро ҳайвонот, ҷӯпонон, ҳунармандон ва дигар намояндагони халқ дар паноҳи худ гирифта парвариш намудаанд дар байни бисьёр халқҳои олам, аз ҷумла дар Эронзамин, аз замонҳои хеле қадим маъмул буд. Масалан, чунин афсонаи анъанавӣ дар бораи шоҳи давлати қадимии Эрон Куруш дар байни мардум пахн буд. Дар санъати қадимии Эрон, дар тӯморҳою бозубандҳою шаддаҳои дар боло зикршудаи парфиёну сосониён пахн шудани ин сюжет ҳам бесабаб нест.

Ин қабил афсонаҳо дар Тӯрони қадим дар миёни қабилаҳою халқҳои туркзабону муғул ҳам хеле маъмул буданд. Дар байни онҳо дар хусуси гург чунин эътиқод васеъ пахн шудааст, ки вай одамонро дар паноҳи худ дошта, аз ҳар гуна бадбахтӣ ва мусибатҳо муҳофизат мекунад. Чунин ривоятҳои тотемии туркон дар маъхазҳои чиниҳо низ инъикос ёфтаанд. Масалан, мувофиқи яке аз ривоятҳо, туркони тукю аз модагургу писарбачаи даҳсолае пайдо шудаанд, ки аз дасти душманон халос шудааст ва

ӯро модагург макконда калон кардааст. Модагург аз писари наврас даҳ писар зоидааст, ки ҳар кадомашон асосгузори як авлоди муайяни туркон гардидаанд. Чунин гуфта шудааст, ки яке аз онҳо Ашина подшоҳ шуда, ба хотири пайдоиши худ «дар болои дарвозаи бошишгоҳаш байраке бо тасвири сари гург афрохтааст». Мувофиқи худи ҳамон маъхазҳо, байрақҳои туркони тукю сари гург будааст, ки аз тилло сохта шудааст. Лашкарҳои пешвоёни турк ҳам «фу-лӣ» (гург) ном доштаанд.

«Қунтуғмиш» ном як достони ӯзбекӣ сюжети аҷиб дорад. Қаҳрамони асосии достон бо бачагони хурдсолаш ба замини бегона афтода, дар ҷустуҷӯи зодгоҳи худ мешавад. Аз сари роҳи онҳо як дарьёи чуқури пурталотум мебарояд, ки аз он якбора бо ду писар гузаштан ҳеҷ мумкин набуд. Қунтуғмиш қарор медиҳад, ки аввал як бачаашро гузаронда, баъд бачаи дуюмашро биёрад. Пас аз каме шино кардан ба пасаш нигариста, дид ки гурге аз байни чакалакзор баромада, бачаро гирифта гурехт. Дар ҳамин лаҳза лаққамоҳӣ писари дуюмро аз дасти падари бехуду беёд гирифта, дар зери об гум мешавад. Ҳамин тавр, Қунтуғмиш якбора аз ду фарзандаш маҳрум мешавад. Аммо оқибати ҳодиса бахайр мешавад. Бачаеро, ки гург гирифта гурехта буд, чӯпоне халос карда, номашро Гургбой мемонад, писари дуюмро моҳигирон халос мекунанд. Онҳо моҳии лаққаро дошта бачаро аз шикамаш саломат мебароранд. Писари дуюм Моҳибой номида шудааст.

Бояд гуфт, ки ин порчаи достони «Қунтуғмиш» ва персонажҳояш (гург, моҳии лаққа, чӯпон, моҳигирон ва Қунтуғмиш) бо персонажҳои композицияи мусаввarae ки мавриди омӯзиши мо қарор гирифтааст, хеле мувофиқ меояд.

Тасвири гург дар ёдгориҳои маданияти моддии Осиёи Миёна, Сибирь, Олтой ва ҷойҳои дигар бисьёр дучор мешавад. Муҳаққиқон одатан инро бо тотеми гурги аҷдоди қабилаҳои турк нисбат медиҳанд. Ба ҳамин муносибат аз шаҳри Бекобод (Истаравшани Шимолӣ) тасодуфан ёфт шудани ҳайкалчаи ду нафар саворагони гург бисьёр аҷиб мебошад. Ин ёдгориро Л. М. Рутковская муфассал омӯхта, таърихашро мансуб ба асрҳои VI—VII милодӣ муқаррар кардааст. Ба ақидаи Рутковская ин ёдгорӣ синкретизми санъати туркони ҳамонвақтаро нишон медиҳад ва композицияи сюжеташ тасвири достони муайяни мардуми турк мебошад. Дар ин ҷо устоди ҳайкалсоз аз тасвири қиёфаҳо дида, бештар ба тасвири сюжети муайян таваҷҷӯҳ кардааст. Ӯ фақат ба нишон додани лаҳзаи муайяни амал диққат кардааст. Ин аз қиёфаи гурги тозон, қомати худро ҳам нигоҳ доштани саворагон

ва берун баромада истодани забони мард маълум мешавад. Мо мебинем, ки пеш аз лаҳзаи тасвирьёфта дигар ҳодисаҳои хеле шадид низ рӯй додаанд, ки дар натиҷаи онҳо, паҳлавони гургсавор як қисми пой, даст, гӯш ва чашмашро талаф додааст. Ба фикри мо, ин тасвири гуфтори достон мебошад. Ба назари мо ин ҳайкалча аз доираи асарҳои мардуми қадими эронизабони Осиёи Миёна мебошад ва ба замони пайдо шудани афсонаҳои анъанавии дар боло зикршуда нисбат дорад.

Ҳамин тавр, афсонаҳои як қатор қабилаҳо ва халқҳои Осиё дар бораи модагургон, моҳиёни лаққа ва бачагони бекаси одамонро парвариш кардани онҳо, оқибат саравлоду сарқабилаю асосгузорони давлатҳо шудани ин бачагон ба ҳам печидаанд.

Дар байни аҳолии эронизабони Осиё пайдо шудани анъанаҳои мифологии муносибатҳои одаму ҳайвони дарранда бояд ба замонҳои мавҷудияти эътиқодҳои қадимии тотемӣ, яъне ба замонҳои пеш аз пайдо шудани дини зардуштӣ нисбат дода шавад. Бояд гуфт, ки заминаи мусоиди мардуми нав рӯ ба ташаккул ниҳода ва акнун тараққӣ кардаистодаи эронӣ дар арафаи гузаштани онҳо ба ҷамъияти синфӣ ва сохти давлатӣ бисьёр чунин мавзӯъҳо ба вуҷуд меовард, ки муносибати одамонро ба табиати гирду атроф инъикос менамуд. Аз афташ, чунин анъанаи афсонавӣ ҳамин қадар маъмул буд, ки зуд баъд аз ташкил шудани давлати қадимии ҳахоманишҳо шакли конкретӣ гирифта, ба шахсияти асосгузори ин давлат Куруши Кабир вобаста карда шуда буд.

Фактҳои мавҷудаи дар байни қабилаҳо ва халқҳои сершумори Осиё ва Европа паҳн шудани сюжетҳои афсонавӣ нишон медиҳанд, ки онҳо ба таври мустақим ё ғайри мустақим дар маъхазҳои қадимтарини халқҳои эронизабон қайд шуда, дертар дар байни қабилаҳои турк пайдо шудаанд. Дар ҳамин асос метавон гуфт, ки чунин сюжетҳо ба Осиёи Марказӣ, Сибирь ва Европаи Шарқӣ маҳз аз Шарқи Миёна дохил шудаанд. Дар адабиёти таърихи археология фактҳои ба муҳити скифҳо ва дертар аз он ҷо байни қабилаҳои дигар аз Ассурия, Эрон, ва Осиёи Миёна (хусусан аз асри V-ӯми пеш аз милод, яъне аз ҳамон вақтҳое ки мувофиқи гуфтаи олими номдори советӣ М. И. Артамонов таъсири давлати ҳахоманишҳо ба сарзаминҳои барбарӣ аз Дунай то Хуанхе гузашта буд) дохил шудани ҳар гуна сюжетҳо қайд шудааст.

Дар хусуси вақти пайдоиши варианти аввали афсонаи гузоштани асоси Рим бошад, чунин фикр ҳаст, ки вай дар асрҳои VI—V пеш аз милод ба вуҷуд омадааст ва замони қатъиян су-

рат гирифтани ривояти расмӣ, ки дар он на як шахси асосгузори Рим Ромул, балки акнун ду бародар — Ромул ва Рем иштирок мекунанд, мансуб ба асри III пеш аз милод мебошад. Ҳаминро низ қайд мекунем, ки варианти аввалаи афсона дар байни этрускҳои Италияи Миёна пайдо шуда буд, ки дар он персонажи асосӣ Эней яке аз муҳофизони асосии шаҳри Трояи Осиёи Хурд буд.

Чунин хулоса ба миёна меояд, ки афсонаи асосгузорони Рим — Ромул ва Рем, ки модагург онҳоро маконда калон кардааст, аз афсонаи оид ба худи ҳамин мавзӯъ, ки дар Осиё маъмул буд, баъдтар иншо шудааст ва факти бо шаҳри Трояи Осиёи Хурд алоқаманд будани қаҳрамони асосии афсона Эней ва чи дар ривояти шарқӣ ва чи дар ривояти аввалини афсонаи римӣ маъмул шудани як бачаи ба дасти гург афтода хеле ҷолиби диққат аст. Ҳамаи ин ошкоро ишора мекунад, ки этрускҳо, ин сюжетро аз Осиё баррасӣ кардаанд.

Ҳоло давраҳои таъсири Юнону Рим ба Осиёи Миёна ва характери ин таъсир асосан муайян шудаанд. Аз рӯи ин тақсимоти давраҳо ва характери таъсир ибтидои равобити мунтазами аҳолии Осиёи Миёна бо маданияти Фарангистон муайян гардида, ба замонҳои пеш аз сулолаи ҳахомонишҳо ва замони худи ҳахоманишҳо нисбат дода шудааст. Дар он замонҳо дар воҳаҳои Осиёи Миёна шаҳрҳо тараққӣ мекарданд ва деҳқонӣ пешаи асосӣ ҳисоб мешуд.

Ҳамин тавр, мусавваpаи шаҳристонӣ бо сюжети афсонавиаш боз як лаҳзаи то ҳол номаълуми таърихи маданияти маънавии Шарқу Ғарбро ошкор мекунад.

## ПАҲЛАВОНОН, ХУДОҲО ВА ДЕВҲОИ ИСТАРАВШАН

Соли 1970 корҳои реставрационӣ дар толор «хурди» қабули қаср иҷро мешуданд. Дар девори шарқии ин толор ва дар хоктӯдаи таги девор миқдори хеле зиёди порчаҳои нақшу нигори рӯи девор ёфт шуданд. Бо диққат кор кардани онҳо натиҷаи хуб бахшид.

Аз ин порчаҳои сершумор як қисми нақшу нигоре ҷамъ оварда шуд, ки дар он се паҳлавони савора дар болои аспони сиёҳ, тӯруқ ва сафеди пурзинат давон тасвир ёфтаанд. Саворагон дар тан либоси ҷангӣ ва дар сар тоскулоҳ доранд. Дар дасти рости ҳар кадомашон найзаҳои дароз. Дар нӯги ҳар як найза байрақ овезон. Ба камарбанди савораи дар пеш буда шамшер бо ғилофаш овезон аст. Дар зери пойҳои аспон як қисми бадани сар-

бозе хобидааст. Умуман нақшу нигор хеле хушобуранг буда, бо маҳорати калон иҷро шудааст.

Порчае ёфт шуд, ки дар он «Худои» сесараю чаҳордаста дар лаҳзаи ҷанг ё гӯштӣ тасвир ёфтааст. Вай бо як дасташ тирро нигоҳ дошта, бо дасти дигараш зеҳи камонро кашида истода тирро паррондани аст. Бо ду дасти дигар найзаро партофта истодааст. Вай либоси ҳарбӣ дар бар, дар миён ҳанҷар ва дар поёнтари он тирдони пури тир дорад. Ба бозуи яке аз дастони чапаш тири камон халидааст. «Худо» болои аспе савор шуда истодааст, ки аз чап ба тарафи рост ҳаракат мекунад ва дар ҳамин вақт ӯ пояшро ба рикоби хеле зебо андохтааст.

Порчаи нақшу нигоре ёфт шуд, ки дар он «Олиҳа»-и тоҷи тиллои ҳилолдор бар сар тасвир ёфтааст. Аз тоҷ ба ду китф чодари лоҷувард пӯшида шудааст. Дар гӯшони «Олиҳа» гӯшвораҳои дорои сангҳои қиматбаҳо овезонанд. Дар бар куртаи хокистарранги лоҷувардтоб, ба сари китфҳо ҷомаи қирмизӣ овезон. Дар як дасташ ҷӯбдасти салтанат, ки дар нӯгаш мурғи тилло дорад. Дар дасти дигараш як чизи дигар ҳаст, ки дар болояш сурати аждаҳо ба зӯр аён аст. «Олиҳа» басо зебо тасвир ёфтааст. Вай чанддаста буда, ба болои тахти монанд ба гардани шер, ки бо шафақи оташин иҳота шудааст, нишаста истодааст. Расм ва ранги нақшу нигор қариб дар ҳама ҷо нағз мондааст.

Дар вақти ҳафриёт порчае бо тасвири «Деви сечашма» ёфт шуд. Ёли зарди тиллоӣ гардани ҷини бадсиморо гӯё иҳота кардааст. Нақшу нигор хеле бонафосат буда, бо мӯқалами устои моҳир иҷро шудааст. Ранги рӯ хокистарранги паст, бинӣ дӯнг, ду чашм аз косахонааш баромадагӣ, чашми сейӯм дар болои пешона. Аз пешона боло ва дар ду чаккаи ҷин се саркосаи хурд ҷо гирифтааст. Ин порча як қисми ҳамон қиёфаест, ки андаке мерақсад. Ба тани «Дев» тасмаи зангӯладор печонида шудааст.

Порчаи дигаре бо тасвири «Дев» ёфт шуд, ки ба «Дев»-и дар боло тасвирьёфта монанд аст, вале ин «Дев» фақат яксара аст. Вай ҳам гирдогирди сараш ҳамон хел ёл дорад. Вай ҳам андаке рақскунон тасвир ёфтааст ва ба танаш худи ҳамон хел тасмаи зангӯладор печида аст. Ранги рӯяш ва танаш хокистарранги сабзтоб, ранги ёлаш маллаи заргун.

Дарьёфтҳои бисьёр аҷиби соли 1970 порчаҳои нақшу нигоре мебошанд, ки дар онҳо ҳайвонот тасвир ёфтаанд. Дар миёни адади ниҳоят бузурги порчаҳои пароканда тасвири шерону шағолон ва морон нағз дида мешаванд. Ҳамаи ҳайвонот дар ҳолати ҳаракат аз рост ба чап тасвир ёфтаанд. Маросими гашти ҳайвонот дар болои дари даромади толор дар рӯи пештоқи ги-

лин низ тасвир ёфтааст. Ба ин мусаввара суратҳои хурди аждаҳо илова шудаанд. Ҳамаи ҳайвонот асосан дар саҳни ранги кабуд бо рангҳои гуногуни зарди баланд тасвир ёфтаанд.

Ғайр аз ин, дар наздикии девори шарқии толор тасвири якчанд шахс, либосашон, тасвири аспи тозон ва аспи осмонранг, нақшу нигор ва ғайра ёфт шудаанд.

Ҳамаи ин ҷузъҳои мусаввараҳо ҷамъ оварда шуда, аз бисьёр порчаҳои реза-резаи андоваи рӯи девори нақшу нигор ба ҳам часпонда шудаанд. Ҳамин тариқ, маълум шуд, ки қисмҳои калони нақшу нигор ва мусавввараи рӯи деворҳоро аз нав барпо кардан мумкин будааст. Пас аз часпондани қисмҳои мусаввара ва нақшу нигор характери умумии нақшу нигори тамоми толор, композицияи мусаввара, рангҳо иконографияи онҳоро дониста гирифтан мумкин мешавад. Онҳо мақсади наққош ва сюжети тасвиротро равшан нишон медиҳанд.

Мушоҳидаҳои пешакӣ нишон медиҳанд, ки нақшу нигори девори шарқии толор чандқатора будааст. Дар поён аз болои суфа зеҳи васеи нақшу нигор рафтааст, ки бараш 45 сантиметр меояд. Аз болои ин қатори бараш тахминан як метр меравад, ки дар он ҷанги сарбозон тасвир ёфтааст. Дар ин ҳол сифатҳои мусбат ва манфии персонажҳо равшан инъикос ёфтаанд. Чунончи, худои сесара ба сарбозони ҷинмонанд муқобил гузошта мешавад. Аз рӯи бозьёфтҳо чунин хукм кардан мумкин аст, ки қатори сейӯми нақшу нигор мазмуни илоҳӣ дошт ва аз тарафи рости даромад мусаввара бо ягон рамз вобастааст (гашти ҳайвонот). Аз болои манзараи нақшу нигори девор фризи (сари сутуни) мусаввар рафтааст.

Нақшу нигор умуман гуногунранги равшан буда, бештар дар он ранги кабуд ва зард кор фармуда шудаанд. Дар бисьёр ҷойҳо ранги сабз ҳам дида мешавад.

Толори «хурд»-и қабул яке аз беҳтарин намунаҳои нақшу нигори истаравшанӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки се девори дигари ин толор ҳам нақшу нигор ва мусавввараҳои гуногун доранд, ки онҳоро ҳам санҷидан ва кашф кардан лозим меояд.

Мо дар арафаи дониста гирифтани бисьёр ҳодисаҳои ба мо номаълуми ҳаёти моддии истаравшаниён истодаем. Шубҳае нест, ки дар асоси материалҳои археологӣ достонҳои қаҳрамонӣ, ақидаҳои мифологӣ ва дину оин, табъи эстетикӣ ва талабҳои нисбат ба санъат доштаи онҳо ошкор ва маълум хоҳанд шуд. Аҳамияти кашфиёти ёдгориҳои Шаҳристон дар он аст, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои археологӣ, санъат ва таърихи маданият, сохти ҷамъиятии ин мардуми қадим низ муайян мегардад.

## КАНДАКОРИҲОИ ҚАСРИ ҚАЛЪАИ ҚАҲҚАҲАИ I

Қандакории Шаҳристон моро бо олами орнамент ва ҳайкалтарошӣ, достонҳои қаҳрамонӣ ва афсонаҳои қадимӣ шинос мекунад.

Бештарини порчаҳои чӯбу тахтаҳои ангиштгашта орнаменти набототӣ ва геометрӣ ва ё орнаменти набототию геометрии омехта доранд. Классификацияи пешакии орнаментҳои рӯи порчаҳои болорҳо, забарравҳо ва тахтаҳои паҳни дароз ва вассаҳое, ки дар соли 1969 ёфт шудаанд, чунин манзараро нишон медиҳанд.

Аз расмҳои набототӣ: гулҳои чаҳор ва панчбарга, ки анъанаи кандакории Шаҳристон мебошанд: нақшу нигор дар шакли навдаи дароз, ки ба он гулҳо ва ё гулбаргро печида рафтаанд: печҳои тобдори набототи бе гулу бе гулбарг: лавҳа, ки ба рӯяш гулҳои анъанавии калони панчбарга канда шудаанд ва ҳошияи мунаббаткорӣ доранд; нақшу нигори ниммунаббат, ки гулбаргҳои калон-калон аз як марказ ба ҳар сӯ рафтаанд; нақшу нигори аз печутобҳои гулбаргҳо (дар нӯгашон гул надоранд) ва чалғӯзаҳои пиёзшакли тӯрмонанд иборат, ки ба ду тараф рафтаанд; нақшу нигори мураккаб аз доираи гулҳо, ки ҳалқавор бо гулҳои панчбарга иҳота шудаанд ва дар кунчи композиция мисли печи тобдор ба гулбарг мубаддал мешавад.

Орнаменти геометрӣ чунин аст: нақшу нигори анъанавии иборат аз тасмаи морпеч, ки саросар дар шакли ромб ё мурабаъ канда шудааст; ҳошияи дуқатораи равоқҳое, ки ба зеҳҳои кӯндаланг такья мекунанд ва аз таг тасмаҳои чоки ромбшакл доранд; нақшу нигори барчастаи равоқҳое, ки дар шакли мунаббаткории дуқабата ба қутр такья мекунанд ва ба ҳар тараф нур мепошанд ва аз болояшон зеҳи борики уфуқӣ доранду аз таг нақшҳои салибшакл: ҳошияи равоқ бо гулу чалғӯза дар пештоқ ва камонак аз шилшилаю нақшаҳои гул, нақшу нигоре ки ба чоркунчаҳои печ дар печ монанд аст.

Нақшу нигори омехтаи набототию геометрӣ композицияҳои мураккабтар дорад: нақшу нигори анъанавии иборат аз навдаҳою гулбаргҳо ва як қаторӣ равоқҳои геометрӣ, ки нӯгашон ба онҳо нигарон аст. Варианти дигари ин нақшу нигор ҳам ҳаст: худи ҳамон нақшаҳо, вале дар даруни равоқчаҳо нақшҳои салибшакл; нигори якнақшаи кандакории иборат аз 3 тасмачаи дарозрӯяи чоки пайвастаи ромбшакл, нақшҳои яктарафа чойгирифтаи баргҳо ва гулҳои чорбарга. Вариантҳои дигари ин нақшу нигорҳо низ ҳастанд: худи ҳамон нақшу нигор, вале ба

ду қирраи пайвастаи болор тақсим шудааст; худи ҳамон нақшу нигор, вале чанбари гулҳояш нест; нақшу нигори иборат аз чанбари анъанавии ромбҳо ва қабзаи баргҳои дорои панҷ гулбарг. Дар рӯи як болори дорои чунин нақшу нигор чанбари ромбҳо дар фосилаҳои муайян бо комахои чуқури чаҳоркунҷаи даҳсантиметрӣ, ки аҳамияти меъморӣ доранд, бурида шудааст;



Расми 9. Нақшу нигори кандакорӣ.

кандакории ҳаҷмаш калони равоқҳои ба ҳам ҷафси аз ҷиҳати шакли геометрӣ саҳеҳ ва дурусти хеле сербар, ки пур аз шабакаҳои ромбашакл мебошанд (дар шарафаи девори паҳни зери шифти № 24 аз хонаи № 6), ки аз ҷумлаи онҳо равоқи охирин чанбари дарунии дорои як қатор кандакориҳои иборат аз гулҳои панҷбаргаи қабат-қабат аз барашон ҷудошуда доранд. Дар ҳошияҳои холии болои байни равоқҳо ё печҳои калони набототе,

ки дар миёнаашон чизе монанди пиёз доранд, ё ягон дигар нақшҳои растаниҳои хурд кашида шудаанд. Ин композиция бисьёр вариантҳои дигари аҷоиб низ дорад, ки тамоми онҳоро номбар кардан аз имкон берун аст.

Ба гурӯҳи композицияҳои омехтаи набототию геометрӣ шарафаҳои хеле зебои рӯи деворҳои № 27 ва № 30-ӯми хонаи шашӯм, № 33 ва № 34-ӯми хонаи ҳафтӯм, ки нақшу нигори кандакории анъанавӣ доранд, дохил мешаванд: дар боло ва поён чанбари шохчаи дароз, ки дар нӯгаш гулбарги тобхӯрда дорад ва дар чанбари васеи миёнанақши геометрӣ ҳаст, ки он аз ду қатор равоқҳое иборат аст ва ба зеҳҳои барҷастаи кӯндаланг такья мекунанд ва дарунашон пур аз нақшҳои салибшакл мебошад. Дар таг ва дар қисми миёнаи шарафа ё майдончаи нисбатан чуқури чаҳоркунҷаи холӣ ва ё майдончаи як қисмаш тамоман бурида гирифташуда ҳаст, ки аз афташ, ба ягон ҷузъи дигари ороиши деворҳо мувофиқат дорад.

Як тахтаи сербари чаҳоркунҷаи № 6-ро аз хонаи № 1 алоҳида қайд кардан лозим меояд, ки композицияи кандакориаш се доираи геометрӣ дорад. Ду доираи андозаашон хурдтар тамоман солим, вале доираи сейӯми калонтар қисман боқӣ мондааст. Нақшу нигори ду доираи солим як хел аст; гирдогирд ҳошияи пур аз дурдонаҳои калон-калон ҳаст, вале даруни доира нақшу нигори мураккаб дорад, ки марказаш аз мунаббати ромбшакл иборат буда, дар чаҳор канораш чаҳор себарга сабзидааст. Ин себаргаҳо дар чаҳор нақшаи нимбайза ҷо гирифтаанд, ки онҳо ҳам дар нӯгҳои ба ҳам пайвасташон бо себаргаҳо анҷом мeёбанд. Умуман ин нақшу нигор бисьёр зебо ва мунаббаташ саҳл буда, нақшаҳо саҳеҳ, шаклҳои гулбаргҳо зебо мебошанд. Нақшу нигори доираҳо ба нақшу нигори сарпӯшҳои кӯзаҳои сафолин ва ба нақшу нигори табақи Чилдухтарон (Шаҳристон) монанд аст.

Дарьёфти як қатор тахтаҳои ғафси сербари чаҳоркунҷаро (онҳо дар зарфи солҳои 1967—1969 қариб 10 нусха ёфта шудаанд) махсусан қайд кардан лозим аст. Дар рӯи ин тахтаҳо хафабанди калони иборат аз гули сербарг канда шудааст, ки дар ҳошияи мудаввари пур аз гулҳои анъанавии чаҳор ва панҷбарга ҷо гирифта аст. Дар беруни ҳошияи мудаввар дар кунҷҳои тахтаи ғафс баргҳои нахл канда шудаанд. Дар нусхаи № 10, ки аз хонаи № 6 ёфта шудааст, гули марказӣ ҳафтбарга аст. Дар рӯи нусхаи № 40 хонаи № 6, ки нағз боқӣ мондааст ва кандакориаш хеле дабдабанок аст, гули марказӣ даҳбарга, панҷ гулбаргаш хурд ва панҷ гулбаргаш калон-калон мебошанд. Му-

наббати панҷ гулбарги хурд нисбатан саҳл буда, гӯё аз паси гулбаргҳои калон баромада истодаанд. Шакли ҳар як гулбарг нӯгтез буда, канорҳояш каҷи байзамонанд канда шудааст. Дар натиҷаи ин расми гулбаргҳо зебо ва нозук баромадааст. Нӯги ҳамаи гулбаргҳо дар маркази гул гӯё ба паси доираҷаи барҷастаи геометрии пури ромбачаҳо фуромадаанд. Дар беруни ҳошияи мудаввари дорои як қатор гулҳои хурди чаҳорбарга, дар кунҷҳои холии тахта шохчаҳо канда шудаанд, ки аз ҳар тарафашон сетогӣ гулбаргҳои дуқатора доранд. Гулбаргҳои қатори таг кӯтоҳи мудаввар буда, қатори рӯ дарози нӯгтез аст.

Бисьёр порчаҳои кандакорӣ нишон медиҳанд, ки усто хеле бетакаллуф, вале зебо канда, ба баландию пастии мунаббат ва чуқурии бурришҳо диққат накардааст. Боварӣ ва дасти моҳири устои кандакор ва қадаре бепарвоии тарзи кори ӯ ҳис мешавад.

Тарҳи нақшу нигори набототӣ хеле зебост, устодӣ ва комилии кандани нақшҳои гулбаргҳо ба чашм мерасад. Гулбаргхо дуқабата, мунаббати гулбаргҳои рӯ пасттар мебошад. Устодӣ ва бетакаллуфии кандакор бисьёр намунаҳои нақшу нигорро хеле нодир ва бадеӣ мекунад.

## РАҚҚОСАИ ИСТАРАВШАНӢ

Бисьёр дарьёфтҳои хеле аҷиб ва зебои мо аз чӯбу тахтаҳои ангиштшудае иборат мебошанд, ки дар онҳо порчаҳои ҳайкали мудаввар ва ҳаҷмдори одамону ҷонварон, тахтаҳои кандакории эзордевори хонаи мунаббаташон баланд ва паст, ки дар рӯи онҳо ҳам одамон, ҳайвонот, мурғон ва махлуқҳои афсонавӣ тасвир ёфтаанд, дида мешаванд. Ин нақшу нигор сюжетҳои комиле ба вуҷуд меорад, ки бо олами суратҳо ва анъанаҳои мардуми замонҳои қадим вобаста мебошанд. Дар даҳлези марказии қаср дар ҳамон ҷое ки вай бо даҳлези даромад чафс мешавад, як тахтаи сербари ангиштшуда ёфт шуд, ки дарозиаш 86 см, бараш 31 см ва ғафсиаш 10,5 см мебошад. Дар рӯи тахта қиёфаи зебои зан канда шудааст, ки аз афташ, раққоса мебошад. Баландии ин сурат 69 см, бараш дар қисми ронҳояш 19 см, баландии мунаббаташ 2,5 см ва баландии мунаббати ҷузъҳояш 3,4 см мебошад.

Рӯи раққоса сахт сӯхтааст ва бинобар ин тарҳи рӯяш маълум нест. Дар гӯшонаш, ки ба тарафи гарданаш кашида шудаанд, гӯшвораҳои мудаввар овезон. Бар сар тоҷи седандона дорад. Аз болои тоҷ чокҳои рах-рахи мутавозӣ тарзи баланд шона карда шудани мӯйҳоро нишон медиҳад.

Қисми болои ҳайкал бараҳна буда, сина нишон дода нашудааст, вале шабаҳи чобук ва таносуби дароз комилан ҳалим ва латиф мебошанд. Дар болои синаи ҳайкал гарданбанди 8—10 қатора овезон, ки аз боло сербар ва аз поён камбар аст. Аз болои китфҳо ва қисми болои дастон матои зебои чин-чин ба поён фуромадааст, ки он резаҳои гарданбандро боз ҳам базебтар мекунад.



Расми 10. Кандакорӣ.

Қисми поёни бадан ба тарзи ҳайкалтарошӣ муносиб карда шудааст: ронҳои базеб, шиками бараҳна ва пойҳои дарози мутаносиби зебо. Аз поёнтари миён дар рӯи ронҳо чодари ҳарир, ки ба бадан часпида аст ва чин-чин шуда, аз зону поёнтар фуромадааст. Чинҳои чодари рӯи бадан бо риштаҳои гарданбанди қисми болои бадан ҳамоҳанг ва зебанда омадаанд. Дар болои ронҳо пешгир ё ягон чизи зебу зиннат ба назар мерасад. Шаш доирае ки дар рӯи рони чапи ҳайкал канда шудааст аз нуқтаи назари санъати наққошӣ ва кандакорӣ чӣ буданаш маълум нест.

Доир ба характери умумии мунаббати ҳайкал гуфтан лозим меояд, ки ҳайкалтарошии мудаввари ҳаҷмҳо дар қисми болои бадан ба андаке соддагии мунаббати қисми поёни ҳайкал, хусусан дар сатҳи аз зону поён мухолиф мебошад. Саҳеҳӣ, ҳатто ба санъати наққошӣ мувофиқ будани кандакории ҷузъҳо, хусусан дар қисми поёни гарданбанд ва ҷузъҳои чодарҳои болои китфҳою рӯи пойҳоро қайд накардан мумкин нест. Санъати тас-

вири чодаркашӣ ва гарданбанд дар кандакорӣ тарзе кор фармуда шудааст, ки онҳо якдигарро пурра ва зебо мекунанд.

Мазмун ва таносуби ҳайкале, ки мо дар ин ҷо тасвир кардем, мисли раққосагони аз Панҷакент ёфт шуда мебошанд. Қисми поёни бадан ба тарзи санъати ҳиндӣ хос ва барои ҳайкал



Расми 11. Сари одамон, ки дар лавҳаҳои чӯбин тарошида шудааст.

муносиб аст. Дар он санъати ҳиндӣ ба тарзи махсус мувофиқи табъи мардуми Осиёи Миёна тағьир дода шудааст. Назокат, тарзи ашрофӣ латофати услуб ва нақшҳо, эътидоли зиёд дар тасвири равшани ин ё он шаклҳои бадан ва ба таносубҳои ҳақиқии бадани одам наздик будани ҳайкал ҳамаи ин хусусиятҳо ба санъати тасвирии Осиёи Миёна хос мебошанд. Санъатшинос Э. В. Кильчевская навиштааст, ки ин сурат таҷассуми зебоӣ, латофат, нозукӣ ва таносубдонӣ аст. Оҳанги нақшҳо, зебоии шаклҳо ҳамин қадар беайб мебошанд, ки ба ҳеҷ тасвир ва тавсиф намеғунҷанд.

## ПЕШТОҚИ ТОЛОРИ ҚАСР

Кандакории калони рӯи девору шифт, ки дар болои девори толори шаҳнишинӣ қаср роли тимпанро мебозид, шоҳасари ҳақиқатан нодири санъати ҷаҳонӣ мебошад. Тимпан, ки аз се тахтаи ҷасим таркиб ёфта, бо часпакҳои дарунии чӯбин ба ҳам васл шудааст, шакли бисьёр зебои қариб байзамонанд дорад. Бари вай 293 см, баландиаш 143 см ва ғафсиаш 8—9 см мебошад. Дар вақти сӯхтори қаср рӯи тимпан сахт сӯхта дар назди рахнаи даромадгоҳ дар байни ду суфа ба замин афтодааст. Ҳар чанд баъзе ҷузъҳои ин ёдгорӣ ногузир талаф шаванд, мо акнун барои аз нав барқарор кардани сохти умумии композиция, характер ва мазмуни сюжетҳо, ҳукм кардан дар хусуси маҳорати аҷиби кандакори сонеъ ва фикрҳои соҳиби ин ёдгорӣ имконияти комил дорем.

Аз ҷиҳати композиция манзараро ба ду сатҳи тасвир ва сюжет тақсим кардан мумкин аст. Сатҳи даруни асосаш ҳамвор, ки муҷассамаҳои барҷаста дорад, аз ду паҳлу ва аз боло ҳошияи сербари сеқабатаи шаклаш нимбайза дорад. Майдонҳои ҳар ду сатҳи манзара ҷиддан мутаносиб мебошанд. Масалан, агар бари манзараро ба шаш қитъаи баробар тақсим кунем, ду қитъаи охиринро ҳошияи берунӣ ва чаҳор қитъаи миёнаро сатҳи дарунӣ ишғол мекунад ва дар ин ҳол дар меҳвари марказии сатҳи дарунӣ композицияи асосии сюжет ҷо гирифтааст.

Дар маркази қатори поёни сатҳи миёна сурати як навъ махлуқи афсонавӣ канда шудааст, ки тану сараш ошкор хусусиятҳои одамӣ доранд. Аз ду тарафи ин махлуқ ду гурӯҳи саворагон (аз ҳар ҷониб ҷаҳорнафарӣ) аспҳояшонро давонда истодаанд. Аспон дар як саф, яке аз дигаре дар масофаи баробар ҷо гирифтаанд. Онҳо бо маҳорати баланд, бо тамоми аломат ва хусусиятҳояшон ёлу зину рикобҳояшон канда шудаанд. Хусу-

сиятҳои тамоман солиммондаи аспсаворон дар баъзе лаҳзаҳои аспдавонӣ, одамони борикмиёни либоси чин дар бар хеле аҷоиб тасвир ёфтаанд. Ду аспи пеш ба махлуқи афсонавии одамшакл дар афтодаанд: сумҳои пойҳои пешашон ба болои миён ва тумшуққҳояшон ба болои гарданаш гузошта шудаанд. Ҳамин тавр, махлуқи афсонавии одамшакл дар иҳотаи зичи аспон ва саворагони онҳо мондааст.

Қатори болои сатҳи миёнаро мусаввараҳои калонҳаҷми кандакорӣ, ки аз ду гурӯҳи ҳайкалҳо иборат аст, ишғол кардаанд. Ҳар як гурӯҳ аз тасвири махлуқи афсонавии одамшакл, ки дар марказ ҷо гирифтааст ва ду ҷонвар, ки аз ду тараф ҷо гирифта, ба самтҳои муқобил менигаранд, иборат аст. Махлуқҳои одамшакл ду гесӯи бофтаи дароз доранд.

Дар бобати тасвири ҳошияи берунии байзашакл ҳаминро гуфтан лозим меояд, ки кандакории ин қисми мусаввараи ёдгорӣ хеле нозук, бодиққат ва пурзебу зиннат иҷро шудааст. Ин ҳошия аз се тасма иборат аст. Ҳар яке аз ду тасмаи канорӣ аз ду тасмачаи якхелаи байзашакл иборат шудааст, бари ҳар кадомашон 13—15 см мебошад. Яктоаш кандакории бисьёр нозуки пулакшакл буда, дуйӯмаш баргҳои дарахти акант мебошад, ки дар фосилаҳои муайян бетакрор канда шудаанд ва ба тарафи сатҳи дарунии манзара нигаронанд.

Сатҳи миёнаи сербартари хошияи беруниро доираҳои якхелаи ба ҳам ҷафси геометрӣ ишғол кардаанд, ки дар рӯи байзаи тамоми тимпан ҷо гирифтаанд. Чунин доираҳо 15-то ҳастанд. Қутри онҳо 22 сантиметр мебошад. Дар ҳар як доира манзараҳои ҷанг тасвир ёфтааст, ки дар он муқаррар се персонаж иштирок дорад — ду нафар савора ва як сарбози пиёдашудаи маҷрӯҳ ё мақтул дар зери пояшон.

Фақат дар як доира ба ҷои сарбози кушташуда ё маҷрӯҳи хобида мори калони печон ё аждаҳо тасвир ёфтааст.

Вазъияти асосии суратҳо дар композицияи ҳамаи доираҳо як хел бошад ҳам, ҷузъан, яъне тасвири ҳаракат, вазъияти қаҳрамонон, либос ва лавозимоти ҳарбиашон ҳар хел аст. Дар якчанд доира боз мусавзараҳои илова дида мешаванд дар болои доираҳои поёнии чап ва рост курсҳои хеле зариф ва нозуки паҳн, ки косаҳои чашм ва дар канор нақшаи паҳн доранд, ки аз афташ, тасвири ҷирми осмонӣ мебошад.

Дар байни доираҳо фазоҳои холии секунҷаро сурати мардоне дар вазъиятҳои хеле гуногун ҷо гирифтааст, ки доираҳои кашидашударо бо дастонашон нигоҳ медорад. Баландии сурати аспону саворагон 9—10 см ва баландии суратҳои беруни дои-

раҳо 6—7 см аст. Андозаи суратҳо хеле хурд бошад ҳам, кандакор ҳамаи аломатҳо ва хусусиятҳои андоми одамон ва аспон, либосҳои гуногун, кулоҳ, яроқи ҷангӣ, пойафзол, афзоли асп, зин, рикоб ва ғайраро хеле хуб тасвир кардааст. Сифати аълои тасвири симои одамон ва ҳатто гавҳараки чашмонро махсусан қайд кардан лозим аст. Наққош устодона кандакорӣ кардааст ва дар ҳақиқат, мӯъҷизаи ҳақиқии санъатро офаридааст.

## ДОСТОНИ ФАРИДУН ВА КОВА

Аз таҳлили мусавварои нақшу нигорҳо ва кандакориҳои тимпан маълум мешавад, ки онҳо инъикоси анъанаҳои афсонавии халқҳои Эрони қадим мебошанд. Дар пеши назари мо таҷассуми бадеии сюжети асосии достони қаҳрамонии Фаридун ва Коваи оҳангар ва муборизаи онҳо бо Заҳҳоки морон намоён аст. Ин сюжети достонҳои қадими дертар дар асри X дар асари безаволи Фирдавсӣ «Шоҳнома» тақдис шудааст. Вале ҳаминаш бешубҳааст, ки намунаҳои номбаршудаи санъати наққошӣ ва кандакорӣ аз он доираи афсонаҳои зардуштии замони Сосониён, ки Фирдавсӣ материалҳояшонро аз он гирифта буд, хеле қадимтар мебошанд. Пайдоиши яке аз ин афсонаҳо образи Заҳҳок ба муносибати расман эълон шудани ҳайкалчаи сафолини Эрмитажи давлатӣ аз тарафи Н. В. Дьяконова дар адабиёт муфассал санҷида шуд. Дар ин ҳол вай ин образро комилан дуруст аз тасаввуроти қадимтарини мардуми Эрон, Осиёи Миёна ва Ҳиндустон бароварда, мегӯяд, ки ҳамчун мӯъҷизаи сесара тасвир кардани Заҳҳок дар асл аз маъбадҳои Ҳиндустону Осиёи Миёна пайдо шудааст.

Дар ёдгориҳои хаттии Эрони қадим Заҳҳоки Аждаҳо дар афсонаи анъанавии оид ба Йима — Ҷамшед ва асри заррин дучор мешавад. Вай дар ин ҷо қувваи бадӣ ва душмани Йимаро муҷассам менамояд, ки дар аввал худои рӯшноӣ ва паноҳвари Замин буда, баъд хирадманди ҳаётбахши рӯи Замин ва муаллими ҳамаи ҳунарҳою малакаҳо ва шоҳи асри заррин гаштааст. Мувофиқи Авестои хурд, Заҳҳок седаҳонаи сесараи шашчашмаи соҳиби ҳазор қобилият будааст. Пас сурати Заҳҳок ин тавр тасвир мешавад: «Номи Заҳҳок дар шакли Аҷидаҳак дар ёдгориҳои хаттӣ аввалин бор дар Авестои хурд ҳамчун дӯсти паҳлавон зикр мешавад, ки аз тарафи Ашьёи оламхӯр офарида шудааст ва дар ин ҳол суроби ӯ бешакл аст. Ин аломати аласти бадӣ асту халос. Дар ёдгориҳои дертар вай ҷисмдор шуда, сурати девор мегирад ва тоҷу тахти Йимаи афтодаро медуздад ва, ниҳоят, дар ада-

биёти ҷадиди Эрон шахси тамоман реалӣ — мири араби ғосиби тахти шоҳони Эрон мегардад. Дар ҳар ҳол дар ҳама ривоятҳои афсона Заҳҳок душмани Йима тасвир меёбад.

Ҳамин тавр, дар заминаи эронӣ афсонаи мӯъҷизаи сесара тадриҷан мувофиқи табъ тағьир меёфт ва ривояти морон, аз афташ, охирҳои замони салтанати сосониён ва ё баъд аз он пайдо шудааст. Дар ин афсона Заҳҳок на чун дев, балки чун одам ба майдон меояд. Вай дар ҳайкалчаи сафолини Эрмитаж ва дар манзараи кандакорони мо ҳам, агарчи ин ду муссавара ба ҳам тамоман монанд набошад ҳам, маҳз ҳамин тавр тасвир ёфтааст.

Ин ҳайкалча, ки баландиаш 61 сантиметр аст, сурати мардест дар болои тахт нишаста ва пойҳояш ба замин овезон. Бар сари калони номутаносибаш кулоҳи махрутшакли пулакчадор, рухсораҳояш барҷаста, абрувонаш ғулии пайваста, биниаш калони дӯнг, гӯшҳояш калони овезон, даҳонаш номутаносиби хеле калони барҷастадандон, ришу мӯйлабаш дароз. Дар тан ҷома ва дар миён камарбанди сагакаш калон, дар пойҳо маҳсӣ. Аз ду китфи ин сурат ду мори дароз баромада, ба гирди рӯю гарданаш печида, аз болои гӯш ба сӯи даҳон ҳаракат мекунанд. Дастони махлуқ дар пеш буда, дасти рост чизе ба даҳон бурда истодааст ва кафи дасти чап болои сина гузошта шудааст. Тамоми муҷассама дар ҳолатест, ки дардмандиро ишора мекунад.

Н. В. Дьяконова ин ҳайкалчаи сафолинро тахминан ба ҷумлаи ёдгориҳои Суғди Шарқӣ ё воҳаҳои ғарбии Туркистони Шарқӣ ва ба таърихи асрҳои VII—VIII милодӣ нисбат медиҳад. Ин тахминро монандии умумии тамоми ҳайкал ва баъзе ҷузъҳои он бо ёдгориҳои сафолини Осиёи Миёна ва Марказӣ, инчунин бисьёр оинҳо ва мавҳумоти афсонавии вобаста бо сурати Заҳҳок, ба куллӣ тасдиқ мекунанд.

Баъзе порчаҳои «Шоҳнома»-ро бо ҷузъҳои асосии композицияи тимпани мо муқоиса кунем, мувофиқати мутлақи онҳоро равшан мебинем.

Дар маркази ҳошияи манзараи кандакорӣ сурати Заҳҳок бо морони сари китфҳояш тасвир ёфтааст. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ Заҳҳоқ қувваи бадӣ ва ҳамчун подшоҳи араб душмани Эрон бошад ҳам, дар аввал бадкор набуд. Ӯ бо талқини иблис бадкирдорӣ мекунад:

Чу Заҳҳок бар тахт шуд шаҳриёр,
Бар ӯ солиён анҷуман шуд ҳазор.
Саросар замона бад-ӯ гашт боз
Баромад бар ин рӯзгори дароз
Ниҳон гашт оини фарзонагон
Пароканда шуд номи девонагон

Ҳунар хор шуд, ҷодуӣ арҷуманд,
Ниҳон ростӣ, ошкоро газанд.
Шуда бар бадӣ дасти девон дароз,
Зи некӣ набудӣ сухан ҷуз ба роз.

ва боз:

Надонист худ ҷуз бад омӯхтан,
Ҷуз аз куштану ғорату сӯхтан.
Чунон буд, ки ҳар шаб ду марди ҷавон,
Чӣ кеҳтар, чӣ аз тухмаи паҳлавон.
Хӯришгар бибурдӣ ба айвони шоҳ,
В-аз ӯ сохтӣ роҳи дармони шоҳ.
Бикуштиву мағзаш бурун охтӣ,
Мар он аждаҳоро хуриш сохтӣ.

Халқро дигар тобу тоқат намонд ва бинобар ин Фаридуну Қова ба сари Заҳҳок лашкар кашида асираш мекунанд. Ин эпизод дар манзараи кандакорӣ дар шакли гурӯҳи саворагоне тасвир ёфтааст, ки ба махлуқи афсонавӣ ҳамла овардаанд:

Фаридун камар басту андар кашид,
Накард он суханро бад-эшон падид.
Бирондӯ будаш Қова пеши сипоҳ,
Бар афроз ронд ӯ аз он ҷойгоҳ.
Барафрошта коваёнӣ дирафш,
Ҳумоюн ҳамон хусравонӣ дирафш,
Ба Арванруд андаровард рӯй,
Чунон чун бувад марди дайҳимҷӯй.

ва боз:

Бибурданд Заҳҳокро баста хор,
Ба пушти ҳаюне барафканда зор.
Ҳамеронд аз ин гуна то Шерхон,
Ҷаҳонро чу ин бишнавӣ, пир хон
Басо рӯзгоро, ки дар кӯҳу дашт,
Гузаштасту бисьёр хоҳад гузашт.
Бад-он гуна Заҳҳокро баста сахт,
Сӯи Шерхон бурд бедорбахт.
Ҳамеронд ӯро ба кӯҳ андарун,
Ҳамехост, к-орад сарашро нагун.

Амалиёти Фаридуну Қоваро парие дар сурати Сурӯш идора мекунад. Ин эпизод дар манзараи кандакорӣ дар шакли ҷонвари сесара дар сафи болои сатҳи миёна тасвир ёфтааст.

Ин мисраъҳоро бо ин манзараи кандакорӣ муқоиса кунед:

Чу шаб тиратар гашт, аз он ҷойгоҳ,
Хиромон биёмад яке некхоҳ.

Фурӯхишта аз мушк то пой мӯй,
Ба кирдори ҳури биҳиштиш рӯй.
Сурӯше бад-ӯ омада аз биҳишт,
Ки то боз гӯяд бар-ӯ хубу зишт.
Сӯи меҳтар омад ба сони парӣ,
Ниҳонаш биёмӯхт афсунгарӣ.
Ки то бандҳоро бидонад калид,
Кушода ба афсун кунад нопадид.

Сюжети асосии сатҳи миёнаи манзараи кандакорӣ ҳамин мебошад. Аммо тасвири ҷангҳо дар доираҳои ҳошияи байзашакли берунӣ инъикоси эпизодҳои конкретии ҷангҳои одамони Фаридуну Кова бо ҷанговарони Заҳҳок мебошад. Одамони Фаридуну Кова дар сар тоскулоҳ, вале Заҳҳокиён дар сар салла доранд. Ин ба пайдоиши қаҳрамонони достон мувофиқ аст. Ҷанговарони Фаридуну Кова эронӣ ва лашкари Заҳҳок аз рӯи анъана араб мебошанд.

Манзараи кандакорӣ аз мавзӯи достони қаҳрамонӣ гирифта шуда, ғалабаи ногузири қувваҳои некӣ, адолат ва меҳнати осоиштаро ба мисли Фаридуни Фирдавсӣ таҷассум мекунад.

Ҳаҷми ин китобча ба муфассал сухан рондан дар бораи ҳама масъалаҳое, ки ба муносибати ин дарьёфт ба миён меоянд, имконият намедиҳад. Аҳамияти илмӣ ва бадеии ин ёдгорӣ бешубҳа, хеле бузург аст. Ба дасти мо на танҳо шоҳсанъати қадимӣ афтодааст ва на танҳо тасаввуроти мо аз дараҷаи маҳорат ва устодии наққошони кандакор васеъ мешавад, балки имконияти тасдиқ ҳам пайдо мешавад, ки санъату фольклору адабиёт мазмунан алоқаи зич доранд. Агар мо то ҳол аз достонҳои қадимии қаҳрамониамон фақат ба воситаи асари Фирдавсӣ мафтун мешудем, акнун мо таҷассуми онҳоро дар санъати ҳайкалсозӣ ҳам мебинем. Дар ин ҳол бояд гуфт, ки осори санъати ҳайкалсозӣ назар ба «Шоҳномаи» Фирдавсӣ хеле қадимтар будааст.

Дар санъати тасвирии Панҷакенти қадим достони анъанавии қаҳрамониҳои Рустам, яъне «Рустамнома» инъикос ёфта буд. Вале акнун мо аз Шаҳристон «Фаридуннома»-ю «Ковонома»-ро ҳам ба даст овардем. Ин ду сюжет дар санъати таърихӣ ва маданин вилоятҳои Суғд ва Истаравшани Осиёи Миёна акс ёфтаанд ва таърихашон асрҳои VII—VIII муқаррар гардидааст. Пас аз дусад сол онҳоро Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» сароидааст. Ин ҳамон хулосаро тасдиқ мекунад, ки достонҳои «Шоҳнома» дар асоси достонҳои анъанавии эҷодиёти шифоҳии мардуми Осиёи Миёна, яъне тоҷикони қадим навишта шудаанд.

Бояд гуфт, ки ба ин дарьёфти мо на танҳо археологҳо, муар-

рихони маданият ва санъатшиносон, балки фольклоршиносон ва адабиётшиносон ҳам мурочиат хоҳанд кард.

То ҳол мо ба таври ҳаққонӣ аз рукнҳои зебои Оббурдон, Кӯрут, Урметан, Рарз ва Фатмев, аз меҳроби Искодар, ёдгориҳои Чоркӯҳ, ки аз устодони кандакори Мастчоҳи қадим, Фалғар ва Исфара боқӣ мондааст, мафтун будем ва ифтихор доштем. Вале дар зарфи даҳсолаҳои охирин археологҳо марказҳои дигари санъати кандакориро аз шаҳристони Панчакенти қадим ва сарои гардани Ҳисор воқеъ дар наздикии деҳаи Мадм кашф кардаанд, ки аз ҳайси нафосат аз чӯбҳои ангиштшуда монданӣ надоранд. Ҳақ ба чониби донишманди машҳури маданияти қадими точик А. Ю. Якубовский, ки саргаҳи Зарафшонро «макони кандакорӣ» номидааст.

Дигар макони бисьёр ачиби санъати кандакорӣ дар рӯи чӯб акнун дар райони Шаҳристон, дар харобаҳои Бунчикат ва қасрҳои гирду атрофи он кашф шуда истодааст.

То ҳол аз ин чо чаҳор гурӯҳи ачиби кандакории чӯби ангиштшуда дар чаҳор ёдгории алоҳида ёфт шудааст. Худи ҳамин нишон медиҳад, ки ин навъи санъат дар Истаравшан хеле маъмул будааст. Дар хусуси маҳорати баланди устодони ин санъат ва сифати корашон мо ҳангоми тасвири ёдгории асосии он — тимпан қайд карда будем.

## ХОТИМА

Мо дар бораи Истаравшани пурасрор, натичаи меҳнати хеле душвори ходимони илмӣ ва коллективи калони коргарону студентон ҳикоя кардем. Мо дар ин чо имконият надоштем, дар бораи ҳаёти ҳайратангези иқтисодӣ ва сиёсии Истаравшан, пайдоиш ва тақдири таърихии аҳолии он, дар бораи саҳифаҳои дурахшони муборизаи онҳо бо истилогарони ачнабӣ, дину оин ва як қатор дигар ҳодисаҳои ҳаёти маънавии онхо сухан ронем. Инчунин мо натавонистем, маданияти моддии хеле гуногуни ин сарзаминро тавсиф намуда, дар бораи ёдгориҳои он маълумот диҳем. Вазифаи мо дар ин китобча ҳамин буд, ки хонандагонро аз охирин ва тозатарин материалҳои кашфиёти археологӣ воқиф кунем, зеро онҳо аз нуқтаи назари омӯзиши санъати наққошӣ, ҳайкалтарошӣ ва кандакорӣ, аз чиҳати омӯзиши фольклор, адабиёт ва ҳаёти моддию маънавии гузаштагонамон, аз нуқтаи назари омӯзиши муносибат ва робитаҳои маданияти Шарқу Ғарб ва роли истаравшаниён дар ин равобит хеле ачиб ва чолиби диққат мебошанд.

20 сол қабл мо аз Истаравшан, аз иқтисодиёт ва маданияти он маълумоти кофӣ надоштем. Акнун мо вайро нағзтар дониста гирифтем ва дониши мо дар бораи он беш аз пеш вусъат меёбад. Дар солҳои охир ҳафриёти Истаравшан паси ҳам ёдгориҳои нав ба навро кушода истодааст, ки дар байнашон бисьёр шоҳасарҳои санъати шарқӣ ва ҷаҳонӣ ҳастанд. Зореон, ҳунармандон, чорводорон, омирон, меъморон, наққошон, кандакорон, кулолгарон, заргарон, биринҷирезон, сикказанон, бахшиёни халқӣ, созандагон, раққосагон, сароянддагон як олам ганҷинаҳои истеҳсолоти моддии шаҳру деҳот, қасру дарборҳо, работҳо, мавзею воҳаҳои деҳқонӣ иншооти обьёрӣ, устохонаҳо, ҳар гуна ашьёи рӯзгор ва ғайра ба вуҷуд овардаанд. Ва ҳамаи ин дар айни замон олами дуйӯми ганҷинаҳои маънавӣ — илм, адабиёт, достонҳо, афсонаҳо, дину оин ва ғайраро ба миён овард. Меҳнат ва ҳаёти маънавии мардуми Истаравшан чунон бой, гуногун ва дурахшон буд, ки солҳои охир моро водор намуд чунин пиндорем, ки мавҷудияти тамаддуни комили истаравшаниён дар ибтидои асри миёна набояд аз эҳтимол дур бошад.

## МУНДАРИЧА


Муқаддима . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 3
Дарачан омӯзиши мавзӯъ . . . . . . . . . . . . 5
Баъзе хулосаҳои умумӣ . . . . . . . . . . . . . 8
Ҳафриёти қасрҳои афшинҳо . . . . . . . . . . . 10
Ёдгориҳои санъати қасри Қалъаи Қаҳқаҳаи 1 . . . . . . . 15
Суратҳои қаср . . . . . . . . . . . . . . . . 17
Рамзи Рим дар суратҳои Истаравшан . . . . . . . 22
Пайдоиши афсонаи гург . . . . . . . . . . . . 31
Паҳлавонон, худоҳо ва девҳои Истаравшан . . . . . . 34
Кандакориҳои қасри Қалъаи Қаҳқаҳаи 1 . . . . . . . 37
Раққосаи истаравшанӣ . . . . . . . . . . . . . 40
Пештоқи толори қаср . . . . . . . . . . . . . 43
Достони Фаридун ва Кова . . . . . . . . . . . . 45
Хотима . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 49

*Н. Н. НЕЪМАТОВ*

**Загадки Истаравшана**

*(на таджикском языке)*

**Мухаррирон М. Содиқов ва Қ. Хӯҷамов**
**Муҳаррири техникӣ И. Сунчелёева**
**Мусаҳҳеҳон Ч. Таройбердиев ва Ҳ. Рӯзиев**
**Рассом А. Орлов**

**Ба матбаа 4/VIII-1971 супурда шуд. Ба чопаш 24-I-1972 имзо карда шуд. Қоғази № 1. Формати 60 × 84 1/16. Ҷузъи чопӣ 3,25. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 2,7. Адади нашр 5000. Супориши № 1504. Нархаш 9 тин. КЛ 2355.**

**Душанбе, нашриёти «Ирфон», кӯчаи Шевченко, 10.**

**Комбинати** полиграфии Комитети **матбуоти назди Совети** Вазирони РСС Тоҷикистон.



9 тин

НАШРИЁТИ „ИРФОН“